**Гурез Сафар**

# Ман Муҳтарам Ҳотам

**Нашриёти ….. 2015**

**Гурез Сафар**

# **Ман Мухтарам Ҳотам**

**Нашриёти ….. 2015**

**Муҳаррир ……………**

**Гурез Сафар. Ман Муҳтарам Ҳотам**. (лутф ва ҳикояҳои минётурӣ) – Душанбе. «….», 2015, …. саҳ.

Дар ин китоб аз рӯзгору зиндагии шоири шинохта Муҳтарам Ҳотам лаҳзаҳои гуногуни лутфомезу ибратангез гирд оварда шудаанд. Қисмате аз ин лаҳзаҳо агар хонандаро ба табассуму хушҳолӣ водор намоянд, қисмати дигар ӯро ба ҳикматеву ибрате далолат месозанд. Муаллиф ин лаҳзаҳои ҳаёти шоирро ба таври аслӣ рӯи коғаз оварда, чизеро аз онҳо афзудаву коста нагардондааст.

## Аз муаллиф

Бо Муҳтарам Ҳотам дер боз ошноӣ дорам. Қаблтар аз шиносоии мо ӯ бо падарам - устоди шодравон Ашӯр Сафар ошноӣ дошт. Як ҷиҳати муносибати мо ба сабаби ошноии падарам бо ӯ бошад, ҳам, фикр мекунам, бештар шахсият ва эҷодиёташ маро бо ӯ қарин гардонд.

Мо дар нашриёти «Адиб» бо ҳам кор мекардем. Аз солҳои 70-уми асри гузашта то имрӯз бо адибони тоҷик муносибат ва шиносоӣ доштему дорем. Дар нашриёт адибоне мисли Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Мутеулло Наҷмиддинов, Ҷумъа Одина, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Шариф Шараф, Шодон Ҳаниф, Абдуҷалил Воситзода, Сайдалӣ Маъмур, Алӣ Furthermore Бобоҷон, Раҷаб Мардон, Кароматулло Мирзоев, Аслам Адҳам, Одина Мирак, Аҳмадшоҳ

Маҳмадшоҳ, Ҳайрат Шанбезода, Абдулвайси Азиз, Абдулвосеъ Сангинов, Садрӣ Умар, Ваҳҳоб Одина ва чанде дигарон кор мекарданд, ки ҳар яке бо шахсияту бо эҷодиёташ хусусиёти хосе дошт. Муҳтарам Ҳотам низ. Он чи дар назари аввал аз шахсияти ӯ падидор мегардад, хоксории ӯст. Сарфи назар аз донишу истеъдод ва вазифаву мансаб ҳамеша хоксору шикастанафс аст. Албатта, дар замони мо на ҳама чунин хислатҳоро меписананд, вале ӯро бо ин чӣ кор? Ӯ дар хонаводаи адибу омӯзгор Ҳотам Идиев тавлид шудаву тарбия ёфтааст. Тавре ӯ нақл мекунад, падараш нисбати одобу ростқавлии фарзандонаш хеле сахтгир будааст. Ҳатто иҷозат намедодааст, ки онҳо ягон чизи дар роҳ ёфтаашонро ба хона биёранд. Шояд аз ғояти одобу хоксорияш Муҳтарам Ҳотам дар зиндагӣ бисёр чизро аз даст дод, аммо ӯ ин хислатҳояшро аз ҳама чизи дигар боло медонад. Ҳеҷ гоҳ худро аз касе боло намегузорад, ҳатто бо бадхоҳонаш сухани носазоро раво намедорад. Хатои дӯстон ва наздиконашро ба дил намегирад. Тавре худ нақл мекунад, дар давоми тамоми таҳсил ва фаъолияти корӣ ягон рӯз бесабаб аз дарс ё кор дер накардааст. Дар ин бора яке аз дӯстонаш - Ҳотами Равшан нисбати ӯ мегӯяд, ки «Ин ки ту аз кор безор намешавӣ, маълум аст. Аммо ҳамин кор аз ту безор намешуда бошад?»

Муҳтарам бист сол дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Адиб» кор кард. Баъд директори нашриёти «Ориёно», сармуҳаррири ҳафтавори «Роҳи умед» («Нақлиёт»), муовини сардабири маҷаллаи «Садои шарқ», ходими ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» буд. 20-уми апрели соли 2000 ба вазифаи мудири Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, 20-уми апрели соли 2015, яъне баъди расо 15 сол аз ин вазифа озод шуд.

Ва боз ба он ҷо ки фаъолияти меҳнатии худро оғоз карда буд - ба нашриёт баргашт. Ва ба кориноширӣ мисле ки бист сол пеш аз ин буд, бо дили гарм даст зад.

Боре ҳам нисбати масъулият ё вазифа саҳлангориву бепарвоӣ накардааст. Бо аҳли хонавода, бо дӯстон, ҳамкорон, шиносу ношинос ба таври ҷиддӣ ва софдилона муносибат менамояд. Бо эҷодиёт низ. Дар дӯстӣ, иҷрои аҳду паймон, вафо содиқ аст. Баъзе ҳатто мехоҳанд аз ин хислатҳои ӯ сӯиистифода намоянд. Аммо ӯ шарофати инсонии худро, ба иззати шарофати инсонии касе нарасида, ҳифз намудааст.

Ба назари ман, ӯ як шахсияти ба ҷомеаи имрӯзӣ андаке бегонатабор аст. Чунин шахсиятҳо имрӯз ба мушкилоти зиёде рӯбарӯ мешаванд. На ӯро дигарон мефаҳманду на ӯ дигаронро. Чунин шахсиятҳо гӯё аз ҷомеаи ояндаанд, ё аз ҷомеаҳои гузашта. Ин мавзуъро ӯ дар як рубоияш хеле хуб таъйид кардааст.

*Ёҳу занаму касе намедонад чист,*
*Манҳу занаму касе намедонад кист.*
*Бас мардуми содаанд дар саддаи бист,*
*Зинҳор чу ман ба асри даҳ бояд зист.*

То имрӯз беш аз 20 китоб ба нашр расондааст. Ӯ шоир, нависанда, тарҷумон, муҳаққиқи забону адабиёт, пажӯҳишгари таърих, ношир, рӯзноманигор ва ходими давлатӣ аст. Аксар китобҳояш аз лиҳози ҳаҷм калон ва аз лиҳози маънӣ муҳиманд. Масалан, китоби «Вакилони халқ. 1938-2010» тақрибан 100 ҷузъи чопиро ташкил дода, маълумоти мухтасарро дар бораи 4280 вакили мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар аз давраи ташкилёбиаш то соли 2010 фаро гирифтааст. Китобҳои «Эрони гумшуда», «Ҳинди гумшуда», ки ҳар як 700 - 800 саҳифаро дар бар мегиранд, дар илми таърихнигорӣ бозёфти тозаанд. Соли гузашта ашъори 42 шоир

аз 19 кишвари дунё дар тарҷумаи ӯ бо номи «Фасли пайванди вожаҳо» ба нашр расид, ки ин асар ҷилди якуми 3-ҷилдаи тарҷумаҳояшро ташкил медиҳад. Соли 2013 китоби падараш Ҳотам Идиеви Аскалонӣ - яке аз нахустин муаллимони водии Рашт - «Аз барои ёдгорӣ» интишор ёфт, ки дар он шеъру ҳикоя, қиссаву ёддошт ва дигар навиштаҳои ӯ гирд оварда шудаанд. Дар ин китоб қиссаи Муҳтарам Ҳотам «Бози сафед» ҷой дода шудааст, ки шоҳиди маҳорати нависандагии ӯст. Маҷмӯаи мақолаҳояш роҷеъ ба пайванди таърихии тоҷикону русҳо бо номи «Золотая корона таджиков и русских» дар нашриёти «Адиб» ба нашр расид. Дар китоби мазкур фарҳанги ҳамвожаҳои русӣ-тоҷикӣ иборат аз 2500 вожа ҷой дода шудааст, ки дар илми забоншиносии тоҷик бори нахуст чунин шакли таҳқиқот рӯи коғаз омадааст. Саросари пажӯҳишҳояшро пайвандҳои таърихиву фарҳангии халқиятҳои гуногуни дунё ташкил медиҳад. Мо, -мегӯяд ӯ, - бо аксарияти халқҳои дунё пайванди таърихии хешиву қавмӣ дорем, пас чӣ гуна мешавад, ки сокинони чанд маҳалли Тоҷикистон бо ҳам бегона бошем? Дар ин мавзӯъ дар як рубоияш чунин мегӯяд:

*Як гӯша қадамгоҳи фарангист дилам,*
*Як хитта мақоми аҳли зангист дилам.*
*Русу арабу татору ҳинду, чинӣ -*
*Як шаҳри басе ранги ба рангест дилам.*

Аммо қабл аз ҳама ӯ шоир аст. То имрӯз 8 маҷмӯаи шеърҳояш ба табъ расидааст. «Сурӯши сухан», ки соли 2009 интишор ёфт, баёнгари маҳорату истеъдоди шоирии ӯст. Достони ҳамноми «Сурӯши сухан» яке аз достонҳои ҷолиб дар адабиёти имрӯзист. Яъне ӯ бо адабиёт ва шеър низ муносибати ҷиддӣ доштааст. Саду як рубоиву дубайтӣ дорад ба муносибати ҷашни зодрӯз барои ҳама синну сол ва муносибатҳо. Даҳҳо мутоибаҳояш бахшида ба шахсиятҳои гуногун дар рӯзномаҳо ба табъ расидаанд. Шеърҳояш ба забонҳои русиву ӯзбекӣ, эстониву арманӣ тарҷума шудаанд. Ӯ заҳматкаши воқеии ҷодаи адабиёт аст.

Бисёр адибон дар китобу рисолаҳо, маҷаллаву ҳафтавор ва нашрияҳои дигар дар бораи Муҳтарам ва эҷодиёти ӯ суханҳои нек гуфтаанд, ки Бозор Собир, Карим Абдулов, Назрӣ Яздонӣ, Комил Бекзода, Ҳамдам Мӯминҷонов, Абдунабӣ Сатторзода, Ҳасанбой Шарифов, Валӣ Самад, Усмонҷон Ғаффоров, Ориёмехр (Ортиқи Қодир) Ибни Қурбон, Парда Ҳабиб, Муртазо Зайниддинов, Шарофати Дониёр, Ҷумъа Қуввват, Вайси Азиз, Мубашшири Акбарзод, Абдулҳай Саидов, Одина Мирак, Маҳмуд Толибов, М. Салимов, (сардабири маҷаллаи «Мактаб»), Акабой Абдуллоев (Қазоқистон), Сабзалӣ Муродов, Қамар Абдулло ва чанде дигарон аз ҷумлаи онҳоянд. Аз ҷумла собиқ муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон, адиб ва сиёсатмадори машҳур Абдулмаҷид Достиев дар сарсухани китоби Муҳтарам Ҳотам «Ориётоҷикон: 18 000 сол пеш…» чунин навиштааст: «Муҳтарам Ҳотам аз ҷумлаи сарсупурдатарин қаламкашони беғаразу бетамаъи тоҷик аст, ки ба сангинии рӯзгори имрӯзаи хеш ва кулли мардум нигоҳ накарда, дониш ва маърифати тоҷиконаашро барои муайян намудани воқеияти аслии таърихи куҳнабунёди миллаташ равона сохтааст. Ба он нигоҳ накарда, ки дар ҳама давру замон ва дар ҳама қишрҳои ҷомеа қаламкашон, олимон, сиёсатмадорон ва манфиатҷӯйҳо кам набуданд, вале Муҳтарам Ҳотам вориҳо барои мо бозёфт аст ва барои сарвати ақлонии онҳоро бар нафъи миллат равона ва истифода намудан тамоми шароитҳоро бояд фароҳам оварем. Зеро ҳамин қабил заҳматкашони

беминнату эҷодкор бо қувваи ҳофизаи худ, бо заҳмати беминнати худ метавонанд моҳияти аслии таърихи гузаштаи мардуми моро дар чашми ояндагон равшан намоянд».

Профессор шодравон Карим Абдулов низ дар як мақолааш (Фараж № 39 27 сент. 2007) навиштааст, ки «Чун Муҳтарам Ҳотам агар чор-панҷ донандаи соҳаи таърихнигориро медоштем, шояд бисёр чизҳо кашф мешуданд».

Муҳтарам Ҳотам дар чандин ҳамоишҳои адабӣ аз ҷумла Конфронси байналмиллалии шоирон ва тарҷумонҳои адабиёти Литва дар шаҳри Вилнюс (1988), Конфронси адибони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Чимкент (1989), Вохӯрии адибони ҷавони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ «Вохӯрии кӯчаки Иссиққӯл» (1990), Конфронси тарҷумонҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Москав (1990) иштирок кардааст. Бо медали «Хизмати шоиста», нишони «Аълочии матбуот» ва нишони «Сухан» мукофотонида шудаст.

Муҳтарам Ҳотам дар миёни ин ҳама ҷиддияте, ки дорад, ин ҷову он ҷо лутфеву латифае, хушгӯиеву факоҳие аз ӯ зоҳир мешавад, ки самимонаву табииянд, на сохтаву бофта. Ман ба лутфу хушгӯиҳои ӯ дер боз ошно ҳастам. Як қисмати онҳоро дар маҷмуаҳои гуногун ва китобҳоям ба нашр расондаам. Хусусан «Соядаст», «Мо тарбуз нахӯрдем» ва ғайра дар байни ҳаводорони лутф машҳур шудаанд. Дар бораи Муҳтарам Ҳотам дар китобам «Ҳам арш, ҳам фарш» чанд маротиба ёдоварӣ кардаам. Ӯ низ дар бораи ман ва навиштаҳои ман чанд лутфе навиштааст, ки масалан ин рубоӣ аз таассуроти як қиссаи падарам, ки ман навиштаам, эҷод шудааст:

*Гуфтӣ, ки фалониву фалониву фалон,*
*Андар пайи он ҳама бигуфтӣ «дигарон»,*
*Пурсанд, фалониё, ки номи ту куҷост,*
*Андар «дигарон» якум бувад, бехабарон.*

Ё боре дар шумори ҳазлҳои солинавиам барои Муҳтарам Ҳотам низ байте навиштам, ки дар шумораи солинавии «Адабиёт ва санъат» ба нашр расид. Байт чунин буд:

*Ба Соли нав ҳамехоҳам кабобе, ки гарам бошад,*
*Май андар байну ин сӯ ман, аз он сӯ Муҳтарам бошад.*

Ӯ дар ҳошияи ҳафтавор, дар паҳлуи ин байт навишт:

*Чӣ боке аз шаробу аз кабобе, ки гарам бошад,*
*Агар вақти ҳисобияш Гурез андар барам бошад?!*

Баъзе қисматҳои ин китобро барвақт навишта будам. Инак ҳоло чунин имконият фароҳам омад, ки дар бораи лутфу латифа ва хушгӯиҳои дӯст ва ҳамкорам Муҳтарам Ҳотам китоберо ба нашр расонам. Бояд гуфт, ки на ҳама он чи ки дар ин китоб пешниҳод мегардад, лутф аст. Дар ин ҷо аксаран лаҳзаҳои алоҳида ва ҷолиби зиндагӣ, мулоқот бо шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ ва берун аз он, ки саргузашти худи Муҳтарам ҳастанд, ба қалам оварда шудааст. Фикр мекунам, лутф на танҳо он аст, ки хонандаро табассуму хушҳолие ато намояд, балки ба андешае, ба ҳикматеву

ибрате ҳидоят намояд. Аз ин лиҳоз дар навиштаҳои ман дар бораи ин адибон чунин равия ҳамеша риоя гардидааст.

Гумон мекунам, тамоми латифаҳои мардумӣ аз рӯзгору саргузашти шахсони алоҳида манша гирифта, баъдҳо аз даҳон ба даҳон гузаштаву соҳибони аслии худро гум кардаанд. Чунин китобҳои лутфомез дар бораи адибони алоҳида камтар навишта шудаанд. Дар гузашта низ саромадони адабиётамон дар бораи адибони ҳамасри худ ва дигар шахсиятҳои таърихӣ ба шакле, ба гунае чизе навиштаанд, ки «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор намунаи беҳтарини онҳост.

Имрӯз низ дар эҷодиёти адибонамон ин равия идомат меёбад. Адибони мо аз ҳаёти ҳамқаламон навиштаҳои ҷолиберо ба нашр расондаанд. Ният дорам, ки чунин китоберо дар бораи Мирзо Файзалӣ низ эҷод намоям.

## «Шоҳнома» ва велосипед

Вақте Муҳтарам синфи шаш мехонд, чанд нафар ҳамсолонаш велосипед хариданд. Ӯ низ аз падараш хоҳиш кард, ки барояш велосипед бихарад. Падараш ба ӯ гуфт:

-Агар дар як ҳафта достони «Ҷанги Рустам бо Ашкбус»-ро азёд кунӣ, бароят велосипед мехарам.

Ӯ достонро азёд карда дар пеши падараш қироат намуд, вале дар чанд ҷой андармон шуд.

-Не, --гуфт падараш, -тавре бояд аз ёд кунӣ, ки андармон нашавӣ, бурро ва пурра бояд хонӣ. Ин дафъа «Ҷанги Рустаму Сӯҳроб»-ро аз ёд кунӣ, баъд соҳиби велосипед мешавӣ.

Бо достони навбатӣ низ ҳамон ҳолат рӯй дод. Падараш ин дафъа «Дар ҳаҷви Султон Маҳмуд»-ро супориш дод. Вале ӯ, не, дигар азёд намекунам, велосипед даркор нест, -гӯён қаҳр кард. Аммо падараш рӯзи дигар бароят велосипед харид…

## 200 грам нон…

Падари Муҳтарам – Идиев Ҳотам, яке аз нахустин муаллимони водии Рашт, шоиру нависанда ва табиби халқӣ низ буд. Соли 2013 китобаш бо номи «Аз барои ёдгорӣ» ба нашр расид. Соли 1934 дар Институти

муаллимтайёркуннии шаҳри Тошканд таҳсил мекард. Боқӣ Раҳимзода низ шарикдарсашон буд. Ҳар рӯз ба ҳар донишҷӯ барои 200 грам нон карточка медоданд. Боқӣ Раҳимзода як ҷавони паҳлавонсимо буду 200 грам нон барояш кифоят намекард. Аммо дигар илоҷ набуд. Идиев Ҳотам бо сабаби беморӣ ва аҳволи оилавӣ аз институт барвақттар ҷавоб мешавад. Бо шарикдарсонаш, аз ҷумла Боқӣ Раҳимзода дар хобгоҳ хайрухуш карда, ба вокзал омада, ба поезди Душанбе менишинад.

Идиев Ҳотам нақл мекунад, ки поезд нав ба ҳаракат даромада буд, ки аз байни мардуми гуселкунанда Боқӣ Раҳимзодаро дидам, ки баробари поезд аз таги тирезаи вагони ман тозон – Ҳотамхӯҷа, ҳамон карточкаатро ба ман деҳ, аздусар дар Сталинобод ба ту лозим намешавад, -гӯён даст дароз мекард.

Ман карточкаамро аз ҷайбам гирифта ба ӯ додаму бори дигар дастфишорӣ кардем.

**Шарикдарси падар**

Боре Қутбӣ Киром Муҳтарамро ба устод Боқӣ Раҳимзода муаррифӣ карда, гуфт, ки падараш дар Тошканд ҳамроҳи Шумо таҳсил кардааст.

-Э-ҳа, боз ман мегӯям, ин кас аз куҷо шоири нағз шудаанд, -гуфт устод маънидорона.

**Дар орзуи насл**

Муҳтарам ҳангоми дар нашриёти «Адиб» кор карданаш муҳаррири чанд китоби шодравон Ашӯр Сафар буд. Дар нашриёт Ашӯр Сафарро Мавлоно меномиданд. Ҳар дафъа Мавлоно аз Кӯлоб ба ӯ занг зада, хоҳиш мекард, ки то омаданаш аз матбаа як дона китоби навашро дастрас намояд.

Ӯ Мавлоноро дар утоқи кориаш пазируфта, узромез гуфт:

-Мавлоно, китоб хеле хуб аз чоп бaромаду лекин як-ду ғалатӣ гузаштааст. Яктоаш камтар...

-Чӣ гуна ғалат будааст он, -пурсид Мавлоно.

-Дар як мисраъ ба ҷои «Дар орзуи васли ту» «Дар орзуи насли ту» чоп шудааст. Ба фикрам...

Мавлоно якбора хушҳолона гуфт:

-Э, нав дуруст шудааст, ку! О, мақсади васл насл-да. Ягон зарра хафа нашавед. Олиҷаноб шудааст...

**Як нафарамон зиёдативу...**

Китоби нави Ашӯр Сафар, ки муҳаррираш Муҳтарам буд, аз чоп баромад. Мавлоно аз Кӯлоб омад ва ӯро ба зиёфат даъват намуд. Ҳангоме, ки онҳо аз бинои нашриёти «Адиб» мебаромаданд, Муҳтарам гуфт:

-Мавлоно, Саидалӣ Маъмур дар кабинеташ, ӯро ҳам гирем, чӣ?

Мавлоно гуфт:

-Ман дар фикри онам, ки аз ҳамин ду нафар як нафарамон зиёдативу... - Аз тааҷҷуби ӯ қоҳ-қоҳ хандида гуфт:

-Ҳозир меояд, худам ӯро гуфтаам…

**Таҳрири соядаст**

Корманди нашриёт будам. Рӯзе дар дасти ҳамкорамон Мӯҳтарам китоби «Роҳи паси ағба»-и Ӯрун Кӯҳзодро дида, аз ӯ хоҳиш кардам, ки онро ба китобхонаи падарам тақдим намояд. Шоир Муҳтарам розӣ шуда, соядасте навишт: «Ҳарчанд ки роҳи ағба мушкилгузар аст, Биштоб, зиёфати Ашӯри Сафар аст». Китобро ба падарам расондам. Ӯ ин туҳфаро бо хушнудӣ қабул намуд. Вале, вақте ки соядастро хонд, ба ман рӯ оварда гуфт:

– Китоби нағзу соядасташ таҳрир талаб мекунад. «Биштоб, аёдати Ашӯри Сафар аст» мегуфт, хубтар мебуд. Зиёфат вазнин аст.

– Чӣ хел вазнин? – таҳти гапи ӯро сарфаҳм нарафта, пурсидам ман.– Аёдату зиёфат як хел вазн доранд-ку?! Вазнин нест!

– Ту дар умрат зиёфат надода бошӣ, аз куҷо медонӣ, ки вазнин аст ё не?! – табассум намуда, гуфт падарам.

**Илтимос, ба ҷои ман шинед**

Муҳтарам бо Аслам Адҳам дар нашриёти «Адиб» дар як утоқи корӣ менишастанд. Ҳар гоҳ муаллифе ба утоқ меомад, дар ҷое менишаст, ки бо Аслам Адҳам рӯ ба рӯ буд. Боре Ашӯр Сафар ба назди муҳаррири китобаш Муҳтарам Ҳотам ба утоқи онҳо омада, дар ҷои муқаррарии меҳмонҳо нишаст. Баъди ҳалли масъалаҳои вобаста ба китоби наваш ӯ чанд муддат хушгӯӣ карда, тибқи одати муқаррариаш дасти ҳамсӯҳбаташро, ки ин дафъа Аслам Адҳам буд, фишурда, ба тариқи даврашакл тоб медод. Ин ҳол тақрибан даҳ-понздаҳ маротиба такрор шуд.

Рӯзи дигар, тақрибан соатҳои 11 рӯз Аслам Адҳам аз утоқи корӣ берун шуду баъди лаҳзае тозон баргашта, бо илтиҷо ба Муҳтарам гуфт:

-Укоҷон, илтимос, ба ҷои ман гузашта шинед, ҷойҳоямонро иваз кунем.

-Барои чӣ? - чизе нафаҳмида пурсид ӯ.

-Мавлоно омада истодааст.

-Хайр чӣ? –боз пурсид Муҳтарам.

-Э, укоҷон, шаби дароз хобам набурд. Дар ангуштам як ангуштарӣ аст. Дирӯз Мавлоно дастонамро ҳар лаҳза чунон мефишурд, ки ангуштарӣ ангуштонамро абгор кард, варам кардаанд. Агар имрӯз низ суҳбат мисли дирӯза шавад, ҳолам чатоқ мешавад, укоҷон, илтимос.

Онҳо ҷойҳояшонро иваз намуданд. Муҳтарам шукр мегуфт, ки дар дасташ ангуштарӣ надошт.

**Бӯи шеър**

Ашӯр Сафар маҷмӯаи нахустини шеърҳои Муҳтарам «Камароб»-ро хонда гуфт: Аз «Камароб» бӯи шеър меояд.

Ин барои ман баҳои баланд буд, -мегӯяд Муҳтарам.

**Булбулат форад, ҷангал бирав**

Муҳаррири китоби Муҳтарам Ҳотам «Сурӯши сухан» будам. Дастнависро хонда, барои изҳори назар Муҳтарамро ба нашриёт даъват кардам.

-Умуман чӣ хел? -пурсид ӯ дар охир фикри маро фаҳмиданӣ шуда.

Ман, ки аз хондани китоб лаззат бурда будам, гуфтам:

-А бача, шоир ҳамин қадар мешавад. Булбулат форад, ҷангал бирав.

Ӯ хушҳол шуд.

**Гурез андар барам бошад**

Боре дар шумори ҳазлҳои солинавиам барои Муҳтарам Ҳотам низ байте навиштам, ки дар шумораи солинавии «Адабиёт ва санъат» ба нашр расид. Байт чунин буд:

*Ба Соли нав ҳамехоҳам кабобе, ки гарам бошад,*
*Май андар байну ин сӯ ман, аз он сӯ Муҳтарам бошад.*

Ӯ дар ҳошияи ҳафтавор, дар паҳлуи ин байт навишт:

*Чӣ боке аз шаробу аз кабобе, ки гарам бошад,*
*Агар вақти ҳисобияш Гурез андар барам бошад?!*

**Ду борхалта**

Муҳтарам Кӯлоб рафту ба идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб», ки он вақт Сафармуҳаммад Айюбӣ ва Ҳақназар Ғоиб он ҷо кор мекарданд, даромада чанде нишаст.

-Мавлоноро чӣ хел бубинем? -пурсид ӯ.

-Ман ҳозир занг мезанам, -гуфт Айюбӣ ва гӯшаки телефонро бардошт. Баъди салому алейк Айюбӣ гуфт:

-Устод, Муҳтарам аз Душанбе хабаргирӣ омадааст, дар дастонаш ду борхалта пур. Мегӯяд устодро бубинем.

-Агар ду борхалта нею як борхалта ҳам медошт, ба хонаи худат мебурдияш, -омад аз гӯшак овози Мавлоно.

**Хайрухуши охирин**

Мавлоно Ашӯр Сафар тақрибан як-ду моҳ пеш аз вафоташ ба назди Муҳтарам омад. Хонааш дар ошёнаи чорум аст. Ман дарро занг зада гуфтам, ки Мавлоно дар поён туро интизор аст.

-Барои он набаромадам, ки дар ошёнаи чорум боз таку даву гӯсфандкӯшӣ накунӣ, дар ҳамин ҷо чанд лаҳза суҳбат кунем, ман Кӯлоб рафта истодаам, - сарфи назар аз бемарияш шӯхӣ мекард Ашӯр Сафар.

**Янгетон хурсанд шуд**

Муҳтарам Қутбӣ Кином ва Мастон Шералиро, ки дар нашриёти «Адиб» ҳамроҳ кор мекарданд, ба сайри дараи Камароб бурд. Дар рӯди Камароб аз тӯри Мирзоалии Раҳмат ғайр аз гулмоҳӣ дигар чиз намебаромад. Фишори хуни Қутбӣ Кином, ки баланд буд, ба асари гулмоҳиҳо боз ҳам баландтар шуд. Баъди сӯзанзаниҳо дар шифохонаи Ғарм ӯро ба як мошин хобонда, оҳиста-оҳиста ба Душанбе, ба хонааш оварданд. Мастон ҳангоми аз хонаи Қутбӣ баромадан ба Муҳтарам гуфт:

-Худо нигоҳ дорад, аҳволаш вазнин, бохабар шудан даркор.

Ин ҳол рӯзи якшанбе буд ва рӯзи душанбе Муҳтарам барвақт ба кор шитофт, то фаҳмад ки аҳволи Қутбӣ чӣ тавр шуда бошад. Бинои нашриёт он вақт дар километри нуҳуми Душанбе, паҳлуи Комбинати полиграфӣ воқеъ буд. Муҳтарам дар истгоҳ аз троллейбус фуромадан замон Қутбиро дид, ки дастҳо паси пушт дар пеши бинои нашриёт пасу пеш қадам мезад. Ӯ Муҳтарамро бо даст ишора кард, ки зудтар биё ва худ низ сӯи ӯ шитобид. Ҳанӯз то мулоқоташон 10-15 қадами дигар монда буд, ки Қутбӣ пурсид:

-Мулло Муҳтарам, боз кай Камароб меравем?

-Устод, ман хавотир, ки аҳволатон чӣ шуда бошад, Шумо бошед...

-Ман нағз... янгетон шаб хурсанд шуд... Саҳарӣ пурсид, ки боз кай Камароб меравед?

**Мо мурдем, ки…**

Дар охири соҳои 80-уми асри гузашта Муҳтарам дар нашриёти «Адиб» котиби ташкилоти ибтидоии ҳизби Коммунист буд ва нависанда Мардон Раҷаб муовини ӯ. Боре дар вақти танаффуси нисфирӯзӣ Муҳтарам ва шоир Одина Мирак шоҳмотбозӣ мекарданд. Мухлисони ҳар ду шоҳмотбоз болои сари онҳо рост истода, гашти муносибро ба ҳар яке маслиҳат медоданд. Мардон Раҷаб, ки болои сари Муҳтарам рост истода ӯро мухлисӣ мекард, ҳар замон ба ҷои Муҳтарам даст дароз карда, гашти навбатии ӯро иҷро мекард. Муҳтарам аз шитобкории Мардон Раҷаб норозиёна гуфт:

-Сабр кунед, охир фикр кунем, гашт дуруст ё не.

-Мо мурдем, ки Шумо фикр мекунед, -гуфт Раҷаб Мардон

**Маош**

Дар нашриёт рӯзи маош буд. Мастон Шералӣ ба куҷое шитоб дошт, ки чанд маротиба ба утоқи муҳосиб даромада, мехост зудтар маошашро гирифта, аз пушти кораш шавад. Рӯз аз нисф гузашта бошад ҳам, рӯйхати маош тайёр нашуда буд. Вай боз ба утоқи муҳосиб даромада, барои ин бесабриаш аз сармуҳосиб, ки як русзани тундмизоҷ буд, сарзаниш ҳам шунид. Боз чанд дақиқа дар кабинет шишта, ба даҳлез баромад ва бетоқатона ин сӯ-он сӯ қадам задан гирифт. Вай дигар ҷуръат намекард, ки ба утоқи муҳосиб дарояд. Мастон хост ба ягон воситаи дигар тайёр шудан ё нашудани рӯйхати маошро фаҳмад. Бинобар ин вай дари утоқи Муҳтарамро кушода гуфт:

-Чӣ шиштӣ, рав охир, маошата гир, маош дода истодаанд, - гуфт ӯ.

-Ман ҳозир маошамро гирифта омадам, -аз чунин ғамхории Мастон ба шубҳа афтода гуфт Муҳтарам.

-Рост? Э хайрияте, - гуфта Мастон пас гашт ва вориди утоқи муҳосиба шуд.

Баъди як дақиқа шӯру ғавғои сармуҳосиб аз даҳлез низ шунида мешуд...

**Омадагиям беҳуда шуд**

Қутбӣ Киром, муҳаррири калони нашриёт, рӯзи маош ба кор омад. Вале бо кадом сабабе он рӯз маош нашуд. Вай дар утоқаш бо табъи хира менишаст.

-Устод, чаро табъатон хира? -пурсид Муҳтарам.

-Омадагиям беҳуда шуд,

-Чаро? –боз пурсид.

-Имрӯз маош намешудааст, -гуфт Қутбӣ.

**Алавмон**

Муҳтарам тирамоҳи соли 1973 ба нашриёти «Ирфон» ҳамчун муҳаррири хурд ба кор қабул шуд. Баъди чанде хунукиҳо сар шуданд. Он вақтҳо печҳоро бо ангишт гарм мекарданд. Собир Ҳоҷаев – сармуҳаррири нашриёт аз ӯ хоҳиш кард, ки то пайдо шудани алавмон вазифаи ӯро ба ҷо биёрад. Вай соати 4 субҳ хеста дар 17 утоқи корӣ печҳоро алав мемонд. То баҳор алавмон пайдо нашуду ин вазифаро ӯ иҷро кард.

Дар суҳбатҳо ноширон мегуфтанд, ки нашири асосӣ бояд корро аз мусаҳҳеҳӣ оғоз намояд.

-Ман аз алавмонӣ сар кардаам, -мегуфт ӯ.

**Аз бекорӣ**

Шариф Шараф, мудири шуъбаи тарҷумаи адабиёти бадеӣ, ки Муҳтарам дар ҳамин шуъба кор мекард, ҳар гоҳе, ки аз ӯ аҳволпурсӣ мекард, дар ҷавоб мешунид:

-Нағз, лекин кор нест.

-Дирӯз кор дода будам, -ку, -тааҷҷуб мекард мудир.

-Тамом кардам, муаллим.

-Ҳама аз серкорӣ шикоят мекунанду ту аз бекорӣ, -мегуфт Шариф Шараф.

**5 000 грамм коняк ва 50 грам чойи хунук**

Юсуф Акобиров нусхаи тасҳеҳии пешазчопии романи нави худро хонда ба нашриёт оварду ба муҳаррираш Муҳтарам гуфт:

-Укоҷон, ман корректураро пурра хондам. Шумо нахонед ҳам, мешавад. Ба чопаш имзо кунед, зудтар ба чоп равад.

-Наметавонам, муаллим, бояд онро як бор ҳамчун муҳаррир хонам, баъд…

-Гуфтам-ку, ягон хато надорад, агар хато ёбед, барои ҳар як хато ман 50 грамм коняк мегирам.

-Ба ҳар ҳол, як бор мехонам.

-Майлаш, хонед, ҳар вақт ки тамом кардед, ман дар идораи «Садои шарқ» Шуморо мунтазир мешавам.

Ӯ то бегоҳ романро хонда, дусад хато ислоҳ кард. Бо ин 5 000 грамм коняк чи хел мекарда бошам, гӯён китобро гирифту сӯи идораи «Садои шарқ», ки он вақт дар бинои Иттифоқи нависандагон воқеъ дар кучаи собиқ Свириденко ҷой дошт, роҳ пеш гирифт.

Юсуф Акобиров хатоҳои китобашро то охир дида, дуруст, дуруст - гӯён аз чойнике, ки чояш шояд нисфирӯзӣ дам карда бошад, як пиёла рехту ба ӯ дароз кард.

**Даъват накардед…**

Ғаффор Мирзо ба Муҳтарам Ҳотам ва Абдулвайси Азиз, муҳаррирони китоби наваш гуфт:

-Дигарон аз мансабашон тарсида, ба хонаи ман намеоянд. Шумо чаро намеоед?

-Барои он ки ягон бор даъват накардаед, устод, -гуфт Муҳтарам.

**Панҷ шори нағз**

Боре Ҳақназар Ғоиб аз Муҳтарам пурсид, ки ман чи гуна шоирам? Муҳтарам гуфт, ки агар бист шоири нағз бошад, Шумо низ дар ҳамон шуморед. Ин сухан ба Ҳақназар хуш наомад. Гуфт: Агар даҳ шоири нағз бошад Шумо дар ҳамон шуморед. Ин сухан низ ба Ҳақназар хуш наомад. Муҳтарам гуфт: -Агар панҷ шоири нағз бошад… Ӯ давоми суханашро нагуфта, Ҳақназар дасташро бо ишораи «даст деҳ» боло намуд. Онҳо дастфишорӣ карданд…

**Ронандаи асил**

Муҳтарам аз Афғонистон баргашту як ГАЗ-24-10 харида, баъди ба анҷом расондани мактаби ронандагӣ ба паси рул нишаст. Боре мошинсавор аз куҷое ба хона омада, лаҳзае нишаста буд, ки писараш Беҳрӯз аз пасаш ним халта картошка дар пушт, дар обу арақ тар ба хона ворид шуд.

–Аво, чаро маро дар роҳ нагирифтӣ, борам вазнин буд.

-Дар куҷо будӣ?

-Дар сари гардиш, дар истгоҳ.

–Надидам, бачам, шояд одам бисёр буд?

–Не, -гуфт Беҳрӯз, -худам танҳо будам.

-Шояд аз роҳ дур будӣ, -боз пурсид ӯ.

-Не, дар сари роҳ будам, даст ҳам бардоштам.

–Ту худат истода будӣ?

–Худам.

–Ронандаи асил дар роҳ ба ҳар сӯ нигоҳ намекунад, -гуфт Муҳтарам, ки дар ҳақиқат писарашро дар роҳ надида буд…

**Одами калон**

Солҳои Ҳукумати Шӯравӣ дар магазинҳои Душанбе гӯшт камчин буд. Боре барои гузаронидани маъракае гӯшт лозим шуду Муҳтарам аз як рафиқи соҳаи савдояш кӯмак хост. Рафиқаш ба ӯ суроғаи магазинеро дода гуфт:

-Он ҷо як яҳудии гӯштфурӯши шинос дорам, назди ҳамон кас рав, ман таъкид мекунам, гӯшт ёфта медиҳад.

Савори мошини ГАЗ-24-10 ба назди магазин рафт. Пеши магазин шишаӣ буд ва яҳудии гуштфурӯш аз чунин тамғаи мошин, ки он вақтҳо дар Душанбе танҳо 2-3 адад вуҷуд дошт, фуромадани ӯро дида, ба пешвозаш шитофт. Ӯ муддаояшро гуфт. Гӯштфурӯш афсӯс хӯрд, ки ҳоло гӯшт надорад, лекин ҳоло ба назди як ошнои дигари гӯштфурӯшаш мераванду муддао иҷро мешавад. Онҳо ба назди мағозаи калони Гастроном омада, аз дари қафо вориди мағоза шуданд. Яҳудии дигаре дар он гӯштфурӯш буд. Аммо ӯ низ гуфт, ки гӯшт надорад. Он гоҳ яҳудии ҳамроҳи ӯ омада даҳонашро ба гӯши ошнояш наздик оварда нимшунаво гуфт:

-Ҳой, ба ин кас гӯшт ёфта диҳед, ин кас одами калон, ГАЗ-24-ашон ҳай!

Фурӯшанда дари яхдони калонро кушода, як линги говро баровард.

**Муҳтарам, ба шумо чӣ лозим?**

Рӯзҳои авввали ҳамчун тарҷумон ифои вазифа намуданаш дар Кобул Муҳтарам боре барои тамошо ба дӯконе даромад. Дӯкондор ӯро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта, муҳтарам, ба Шумо чи лозим? –гӯён пурсид.

-Шумо маро аз куҷо мешиносед? –бо тааҷҷуб суол кард ӯ.

-Ман Шуморо намешиносам, -гуфт дар ҷавоб дӯкондор.

-Охир Шумо маро бо номам садо кардед. Номи ман Муҳтарам аст.

-Мо ҳар ношиносро муҳтарам гуфта, мурочиат мекунем, -гуфт дӯкондор.

Баъд борҳо дар Кобул ношиносҳо ӯро муҳтарам гуфта мурочиат мекарданд, ки ӯ дигар ҳайрон намешуд.

**Аз Аскалон мешам**

Деҳаи зодгоҳи Муҳтарам дар Рашт Аскалон ном дорад. Дар шимоли Афғонистон қаряе ва дар Урдун низ бо ҳамин ном шаҳре вуҷуд доранд. Аскалони Урдунро Арӯс-ас-Шом низ мегӯянд. Солҳое, ки дар Кобул ба ҳайси тарҷумон кор мекард, боре ба як дӯконе, ки аз роҳи муқаррарӣ дуртар воқеъ будаву ба он ҷой рафтани мутахассисони шӯравӣ мумкин набуд, барои харидани китобе рафт. Он солҳо ҳатто дар маркази Кобул бехавф гаштан имкон надошт. Дар паҳлуи дӯкон ду шахси шубҳанок, ки аз мухолифини ҳукумати Кобул буданашон яқин буд, ӯро нигоҳ доштанд. Ӯ чашмони сабз ва чеҳраи сафеди ба сурхӣ моил, ки дорад, аксаран ӯро рус ё аз халқҳои аврупоӣ мепиндоранд. Он ду нафар ба забони шикастаи русӣ аз куҷо буданашро пурсиданд ва ӯ ба дарӣ ҷавоб дод, ки «Валлоҳ, нафомидум, ки чӣ меген». Яке аз онҳо боз пурсид, ки «Урусӣ нестӣ, аз куҷостӣ?».

-На хайр, аз сафаҳоти шимол астум. Аз Аскалон мешам.

-Чи харбузаҳои ширине дорад Аскалон, буру бахайр, -гуфт яке аз онҳо.

## Акои ғамгин

Муҳтарам дар нашриёти «Адиб» бо нависанда Шодӣ Ҳаниф чанд муддат дар як утоқ менишаст. Боре соат панҷ шуду Шодӣ Ҳаниф хайрухуш карда рафт. Ӯ дастнависеро бояд оҷилан хонда, фардо ба чоп месупорид. Бинобар ин баъди соати панҷ дар утоқ монда, саргарми таҳрири дастнавис шуд. Ҳамин вақт занги телефон баланд шуд. Гӯшаки телефонро гирифта «алло» гуфт.

–Салом, акои Шодӣ, -шунида шуд овози хонуме.

–Акои Шодӣ чанд дақиқа пештар баромада рафт, кор тамом шуд, -посух дод ӯ ва гӯширо фурӯ гузошту саргарми таҳрири дастнавис шуд. Баъди чанд лаҳза бори дигар садои телефон баланд шуд, ки ҳамон хонум боз акои Шодиро мепурсид.

–Гуфтам-ку, акои Шодӣ чанд лаҳза пеш баромада рафт, фардо занг занед, меоянд.

-Шумо кӣ мешавед? -пурсид он хонум, ки маълум буд, майли суҳбат кардан дошт.

–Шумо маро намешиносед, -гуфт ӯ.

–Хайр, биёед, шинос мешавем, Шумо номатонро гӯед, ман ҳам мегӯям, камтар суҳбат мекунем.

–Мебахшед, кори оҷил дорам, ҳоло наметавонам, ягон вақти дигар, -гуфт ва гӯширо гузошту чанде ба андеша фурӯ рафт. Занги телефон дафъаи сеюм баланд шуд. Тахминаш дуруст баромад. Боз ҳамон хонум.

–Медонам, Шумо акои Шодӣ ҳастеду бо ман шӯхӣ карда истодаед.

–Гуфтам-ку, -бо итоб гуфт ӯ, -ман акои Шодӣ нестам, он кас рафтанд, фардо мешаванд…

-Рост, Шумо акои Шодӣ не, -гуфт хонум, - Шумо акои ғамгин будаед…

## Пули газакро диҳед

Муҳтарам соли 1998 ходими ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» буд. Ӯ ва дигар ходимон он вақт бо сабаби аз маблағ танқисӣ кашидани идора бе маош кор мекарданд.

Рӯзе дар утоқи кориаш нишаста буд, ки Масъуд Муллоҷонов ба назди ӯ даромада гуфт:

-Укоҷон, як илтимос, ман нафақапулӣ гирифтам, рафта як шиша биёред, ҳардуямон камтар шишта, сӯҳбат кунем. -Ва ӯ аз ҷайбаш як қабза пул (пулҳои беқурби то сомонӣ) бароварда, ҳаждаҳ дона садсумӣ ҳисоб карда, ба дасти ӯ дод.

Як шиша арақ он вақт як ҳазору ҳаштсад сӯм буд. Бинобар ин ӯ гуфт:

-Устод, ин пули арақ, пули газак чӣ?

-Пули газакро худатон тиед-да! -гуфт Масъуд-ако.

Ба бозори Баракат рафта, як шиша арақ ва, аз ҳисоби худаш, дар севуним ҳазор якчанд дона самбӯса, кабудӣ, нон ва чакка гирифт.

Баъди тамом шудани шиша ва газак Масъуд-ако гуфт:

-Як шиша кам будааст, уко, маед, рафта боз як шишаи дигар биёред. - Ва ӯ ба пул шумурдан оғоз кард.

-Ако, ин дафъа Шумо пули газакро диҳед, шишаро ман худам мегирам, - гуфт ӯ.

### Ҳофиз ва Муҳтарам

Муҳтарам Ҳотам ва Ширин Бунёд бо якдигар ғоибона шинос бошанд ҳам, якдигарро аз наздик надида буданд. Онҳо бори аввал дар Иттифоқи нависандагон бо ҳам вохӯрда, аз зиндагӣ аз шеъру шоирӣ, аз бузургон ва ғайра сӯҳбат мекарданд. Ширин Бунёд бештар аз Хоҷа Ҳофиз ва ғазалиёти ӯ ҳарф мезад.

-Ба ин байт таваҷҷӯҳ кун, хеле олист, - гуфт Ширин ва хонд:

*Ҳасад чи мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.*

-Бале, олӣ, -гуфт Муҳтарам, -ҳазрати Ҳофиз дар баробари лисонулғайб ва малакутӣ будан як шоири заминӣ низ ҳаст, аммо ман бештар ба ҷанбаи пешгӯии шеъри ӯ қоилам. Масалан, вай маро тақрибан ҳафтсад сол пеш аз ин дар як байташ зикр намуда, рақиби худ хондааст.

-Чӣ хел, чӣ хел? -бо тааҷҷуб пурсид Ширин.

Муҳтарам гуфт:

-Гӯш кун:

*Ман арчи дар назари ёр хоксор шудам,*
*Рақиб низ чунин Муҳтарам нахоҳад монд.*

Чашмони ҳайрони Ширин зуд-зуд мижа мезаданд...

### Бо таксӣ равед

Боре Максим Карено дар як маҳфили адабӣ дар театри ба номи А.Лоҳутӣ шеър хонда, хеле руҳбаланд шуду баъди анҷоми маҳфил дар саҳни театр Муҳтарам Ҳотам ва Раҳмат Назриро дида гуфт:

-Афсӯс, вақт надорам, ки бурда зиёфататон диҳам, мана инро гиреду рафта садтагӣ кунед, -гӯён садсӯмаеро ба онҳо дароз кард.

–Мо аз ин корҳо (яъне аз нӯшидан) пиёда, -гуфт Раҳмат Назрӣ.

–Набошад бо таксӣ равед, -ҳозирҷавобӣ кард Максим.

### Гурехтан осонтар шавад

Солҳои донишҷӯӣ яке аз духтарони донишҷӯ бемор шуд. Дугонаҳои ҳамсабақаш ба аёдати ӯ рафтанӣ шуда, азбаски хонаи дугонаашон берун аз шаҳр буд, аз Муҳтарам хоҳиш карданд, ки онҳоро ҳамроҳӣ намояд. Онҳо аз автобус фаромада, ба деҳаи ҳамсабақашон нав ворид шуда буданд, ки аз канори роҳ як саги калони бадҳайбат ҳаф-ҳафкунон ба сӯи онҳо ҳамла кард.

Духтарон тарсида гурехтанӣ шуданд, аммо ӯ борхалатаҳои дасташро ба онҳо дода гуфт, ки нагурезанд ва худ пеш баромад. Қасд кардагӣ барин дар наздикиҳо на санге буду на чӯбе. Вале саг якбора истода, қафо гашту рафт. Духтарон хушҳол шуда, ба таърифи ӯ даромаданд. Яке аз онҳо пурсид:

-Агар саг ҳамла мекард, чӣ кор мекардӣ?

-Чӣ кор мекардам? -пурсид ӯ, ки таърифро чандон хуш надошт. -Борхалтаҳоро барои он ба шумо додам, ки гурехтан осонтар шавад.

**Муҳтарам Ҳотамӣ ва муҳтарам Хотамӣ**

Дар сафари як ҳайати парламентӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон вакили Маҷлиси намояндагон Усмонҷон Ғаффоров ва Муҳтарам Ҳотам низ шомил буданд. Ҳангоми сӯҳбатҳо Усмонҷон Ғаффоров ба эрониҳо дар бораи шиносоияш бо президенти собиқи Эрон Муҳаммад Хотамӣ ёдоварӣ мекард. Ӯ Муҳаммад Хотамиро муҳтарам Ҳотамӣ мегуфт. Боре ӯ ба Раиси фарҳангистони забон ва адабиёти форс гуфт:

-Ман дар Хуҷанд бо собиқ Раиси ҷумҳури шумо муҳтарам Ҳотамӣ сӯҳбати ҷолибе доштам.

Ва баъдан Муҳтарамро, ки дар суҳбат иштирок дошт, шинос намуда илова кард:

-Ин кас ҳамсафари мо, шоир - Муҳтарам Ҳотамӣ…

**Муҳтарам - шоири рус**

Муҳтарам солҳои дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ба ҳайси тарҷумон кор карданаш боре ба рухсатӣ ба Душанбе омад. Он солҳо мутахассисон ва тарҷумонҳои шӯравӣ дар Афғонистон аксаран риш мемонданд. Ӯ низ бо риши зарду сурхаш дар Душанбе боре ба Иттифоқи нависандагон рафт. Дар назди даромадгоҳи бинои Иттифоқ Бозор Собир ва ду-се нависанда мунтазири Ҷалол Икромӣ буданд, то ӯ низ биёяду онҳо ба як мулоқот бираванд. Аммо аз вақти ваъдагӣ чанд муддат гузашта бошад ҳам, аз Ҷалол Икромӣ дарак набуд. Бозор Собир гуфт:

-Дигар мунтазир намешавем. Муҳтарам, ту ҳам шоирӣ. Биё, ба ҷои Ҷалол Икромӣ ту меравӣ.

Онҳо ба мошин нишаста ба яке аз мактабҳои воқеъ дар маҳаллаи 101 омаданд, ки дар он ҷо муаллимони мактабҳои ноҳияи собиқ Фрунзе онҳоро алаккай интизорӣ мекашиданд.

Бозор Собир суханронӣ ва шеърхонӣ намуда, дар охир гуфт:

-Ҳоло сухан ба як шоири рус аз Масков, ки шеърҳои маро ба русӣ тарҷума кардааст, дода мешавад… - ва ӯ бо табассум ба сӯи Муҳтарам нигариста «Пожалуйста, Вам слова» гуфт.

Ӯ аз ҷой хеста каме гаранг шуд, вале зуд худро ба даст гирифта ба забони тоҷикӣ гуфт:

-Ман шеърҳои устод Бозор Собирро ба забони русӣ тарҷума кардам, ин шеърҳо ба ман чунон хуш омаданд, ки чанде аз онҳоро аз ёд кардам, - ва ӯ ду-се шеъри Бозор Собирро аз ёд хонд.

Дар толор садои кафкӯбӣ баланд шуд. Ҳама аҳсан мегуфтанд. Вақте мулоқот ба охир расид, як-ду нафар ҳамсабақони давраи донишгоҳияш, ки дар ин ноҳия муаллим буданд, ӯро шинохта ба наздаш омада, бо тааҷҷуб ҳақиқати ҳол пурсиданд.

-Устод маро дар ҳолати ногувор мононд, дигар илоҷ набуд, - ҷавоб дод ӯ.

**Ҳама мешиносанд**

Набераи панҷсолааш Манӯшон ба Муҳтарам гуфт:

-Species

-Бобоҷон, дар телевизор ҳама шуморо мешиносанд-а?

-Чӣ хел? – пурсид.

-Ҳама аввал номи Шуморо ба забон мегиранд-ку?!

**Рафиқ Ҳотамов…**

Муҳтарам солҳои донишҷӯияш дар Донишгоҳи омӯзгорӣ дар маҳфили шеъри назди Иттифоқи нависандагон иштирок мекард. Устод Боқӣ Раҳимзода роҳбари маҳфил ва Камол Насрулло сардори маҳфил буд. Он вақт навқаламон ҳанӯз якдигарро нағз намешинохтанд. Боре ҳангоми ба поён расидани баррасии навбатӣ Камол Насрулло гуфт:

-Дафъаи оянда дар маҳфиламон шеърҳои Муҳтарам Ҳотамовро мебинем.

Ҷӯрабой Ҳошимӣ аз ҷой боло шуда ба Камол Насрулло гуфт:

-Биёед, дар маҳфиламон расмиятро як сӯ монем. Чӣ лозим Муҳтарам Ҳотамов гуфтан, ҳамту рафиқ Ҳотамов гӯед, кифоя…

**Пули таксӣ**

Муҳтарам боре ҳамроҳи чанд рафиқаш дар тарабхона менишастанд. Баъди муддате яке аз онҳо У… аз таъсири шароб маст шуд. Муҳтарам ӯро бо такя ба сари кӯча оварду таксиеро дошта, ронандаро таъкид кард, ки ӯро то назди хонааш бурда расонад. Пули роҳро низ ба дасти ронанда дод. Баъди гашта ба сари миз омадан дигар рафиқон гуфтанд, ки пули роҳро ба дасти худаш медодӣ, беҳтар буд. Ронанда, агар беинсоф бошад, боз аз ӯ пул мегирад.

–Рост, -гуфт Муҳтарам, -ман ҳозир ба телефони мобилиаш занг зада, таъкид мекунам, ки дубора пул надиҳад.

Баъди лаҳзае овози У… шунида мешуд, ки на худ чизе равшан мегуфт ва на суханро мефаҳмид. Баъд овози нимғурмаи ӯ шунида шуд, ки мегуфт:

-Мма-а-ку-у ч-чӣ ммеган?

Баъд овози ронанда шунида шуд, ки гуфт:

-Рафиқатон чизеро намефасҳмад, ба ӯ чӣ расонам?

–Ба ӯ гӯед, ки ман пули роҳро ба Шумо додам, дигар пул надиҳад, -гуфт Муҳтарам.

**Дар маҷлис**

Муҳтарам бо Абдулмаҷид Достиев, ки он вақт муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон буд, дар саҳни ҳавлии Маҷлиси Олӣ суҳбат мекарданд. Телефони мобилии Достиев занг зад ва ӯ телефонро ба гӯшаш ниҳода гуфт:

-Мо ҳоло дар Маҷлисем, баъд занг мезанам.

Муҳтарам бо тааҷҷуб ба ӯ нигарист.

-Ман дурӯғ нагуфтам, -сабаби ҳайрати Муҳтарамро фаҳмида гуфт Достиев. –Мо дар Маҷлиси Олием-ку?!

**Панҷ сол ва биступанҷ сол…**

Нодир Шанбезода дар нашриёти «Ирфон» кор мекард. Боре дар омади суҳбат Нодир Шанбезода гуфт, ки ман ҳоло ба шаст даромадам, боз панҷ соли дигар умр бинам, кифоя.

Ин гап дар хотири Муҳтарам нақш баст ва ӯ ҳисоб мекард, ки чи тавр Нодир Шанбезода ба шаступанҷ, ҳафтод, ҳафтоду панҷ, ҳаштод даромада аз он ҳам гузашт…

Баъд писари шодравон Шанбезода Ҳайрат ба нашриёт ба кор омад. Ӯ ҳар замон аз Муҳтарам сигарет мепурсид. Рӯзе гуфт:

-Ҷӯра, ман ба шаст даромадам, ҳамагӣ шояд 10 соли дигар умр бинам. Бинобар ин ту маро то охири умрам бо сигарет таъмин кун.

-Худораҳматӣ падарат панҷ сол гуфта, 25 сол умр диданд, -гуфт ӯ.

**Дар ин шаҳри калон**

Ҳайрат Шанбезода аз Муҳтарам сигарет мепурсид. Ӯ қуттии сигаретро кушода муроот мекард. Ҳайрат мегуфт:

-Се-чор дона гирам. Дар ин шаҳри калон туро боз аз куҷо меёбам?!

**Ташвиш накашанд, худам меоям**

Мавлоно Ашӯр Сафар Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ ва Муҳтарам Ҳотамро ба меҳмонӣ ба Кӯлоб даъват кард. Аммо ҳеҷ фурсати муносиб даст намедод, ки онҳо якҷоя ба Кӯлоб раванд. Баъди муддати зиёд онҳо аҳд карданд, ки ҳафтаи оянда ба Кӯлоб мераванд. Ман низ, ки ҳамроҳашон дар нашриёт кор мекардам, ҳар ҳафта барои аёдати падару модар ба Кӯлоб мерафтам. Ин дафъа Қутбӣ Киром ба ман гуфт, ки ба Мавлоно салом гӯед ва расонед, ки ҳафтаи дигар ҳатман Кӯлоб меравем.

Рӯзи душанбе ман аз Кӯлоб баргаштам ва ба онҳо гуфтам:

-Мавлоно гуфтанд, ки ташвиш накашанд, ҳафтаи дигар Душанбе худам меоям.

**Кист он аблаҳ?**

Боре кормандони нашриёт аз Муҳтарам хоҳиш карданд, ки барояшон аз Ғарм картошка биёрад. Вай аз хоҷагии деҳаи худашон тақрибан даҳ тонна картошка овард. Мудири анбор Қадриддин, ки ҳамсинфи мактабиаш буд,

мошинро бо картошкаи хуб бор карда, аз ҳисоби худаш боз дусад килло тухфа дода буд.

Дар саҳни нашриёт кормандон банавбат картошкаро дар халтаҳо пур карда, дар тарозу бармекашиданд ва пулашро дода, гирифта мебурданд. Кормандони идораҳои «Пионери Тоҷикистон», «Машъал», «Хорпуштак» низ ки дар як бино воқеъ буданд, аз ҳамин ҳисоб картошка мегирифтанд. Дар охир маълум шуд, ки пули тақрибан дусад килло картошка намерасад. Охир чӣ хел? Бояд пули дусад килло картошкаи туҳфашуда зиёд бошад, аммо баракс, намерасад. Фарзияҳо ҳар хел буданд, вале чунин хулоса шуд, ки чанд нафар халтаҳои картошкаро ба тарозу барнакашида гирифта бурдаанд. Дусад килло картошка 20 тинӣ 40 сӯм мешуд. Аз ходимони нашриёт яксумӣ ҷамъ карда пули картошкаро доданд, аммо ӯро алам мекард, ки кадом аблаҳ ин корро карда бошад?

-Ман яктоашро медонам, -гуфт Ҳайрат Шанбезода, ки ӯ низ чанд халта картошка гирифта буд.

-Кист он аблаҳ? -мепурсид ҳар замон аз ӯ.

-Як зиёфат диҳӣ, мегӯям, -мегуфт Ҳайрат. -Лекин худам танҳо не, якчанд кас мешавем.

-Майлаш, то ки ман адаби он аблаҳро диҳам.

Як рӯз Муҳтарам Ҳайрат ва чанд ҳамкори дигарашро зиёфат доду пурсид:

-Хайр, ку бигӯ, кӣ будааст он аблаҳ?

-Ман, -гуфт Ҳайрат Шанбезода.

**Қутбӣ Кироми нозанин**

Қутбӣ Кином ва Мастон Шералӣ шоҳмот бозӣ мекарданду Муҳтарам Ҳотам тамошобин буд. Вақте Қутбӣ бозиро мебурид, қаноатмандона мегуфт:

Қутбӣ Кироми нозанин,
Бозета бин, бозета бин.

Ва ба ӯ рӯ оварда мегуфт:
-Ту ҳам чизе бигӯ:
Ӯ мегуфт:

Қутбӣ агар қутбӣ кунад,
Мастона дар қуттӣ кунад.

Агар бозиро Мастон мебурид, ӯ низ бо хушҳолӣ мегуфт:

Мастона бин, Мастона бин,
Ин Рустами Дастона бин.

-Муҳтарам ту бигӯ.

Мастон, ки дар бозӣ шавад,

Қутбӣ аз ӯ розӣ шавад, -мегуфт ӯ.

-Не, -мегуфт, Мастон, -Мастон агар мастӣ кунад,
Қутбира дар пастӣ кунад.

**Мактуби Шароф Рашидов ба Муҳтарам Ҳотам**

Соли 1982 Муҳтарам ҳамчун мудири шуъбаи тарҷумаи нашриёти «Адиб» барои шартнома бастан бо мақсади нашри асарҳои адибони ҷумҳуриҳои бародари собиқ Шӯравӣ ба Расул Ғамзатов, Қайсин Қулиев, Чингиз Айтматов, Олжас Сулаймонов, Шароф Рашидов ва дигарон се нусхагӣ шартнома ва мактуби қолабие фиристод. Дар мактуб ба ҳамаашон яксон гуфта мешуд, ки шартномаҳоро имзо карда, ду нусхаашро ба нашриёт вопас фиристонанд. Аз ҷумла нашри тарҷумаи асари Шароф Рашидов «Зӯртар аз бӯрон» ба нақша гирифта шуда буд. Баъди чанде аз онҳо пасопеш чанд ҷавоб ворид гардид. Аксаран ду нусха шартномаро фиристода, чизе ҳам наменавиштанд.

Як рӯз дар утоқи кориаш нишаста буд, ки ӯро ба назди директори ҳамонвақтаи нашриёт Абдуҷалил Воситзода даъват карданд. Ӯ вориди утоқи директор шуда, дид, ки як шахси нимнизомӣ таппонча дар бар, директор ва сармуҳаррири нашриёт нишастаанд.

-Ба рафиқ Шароф Рашидов мактуб навишта будед? -пурсид Воситзода.

-Бале, мисли дигар муаллифон, барои имзои шартнома.

Ӯ ва сармуҳаррир мехостанд чизе бигӯянд, вале дар ҳузури шахси низомипӯш истиҳола карданд. Баъд он шахс аз портфелаш лифофаи калони ғайримуқаррариеро баровард ва Муҳтарам ба санади махсусе имзо карда, лифофаро гирифт. Дар болои лифофа суроғаи нашриёт ва ба Ҳотамов Муҳтарам навишта шуда буд.

Муҳтарам мактуби Шароф Рашидовро хонда мутаассир шуд. Мактуб мисле ки ба як шахси наздик иншо шуда буд. Дар баробари миннатдорӣ ба Муҳтарам ҳамчунин, нисбати халқи тоҷик суханони самимие навишта шуда буд. Дар охир Шароф Рашидов Муҳтарам Ҳотамро ба Тошканд ба меҳмонӣ даъват мекард.

Баъд сармуҳаррир бо сарзаниш барои дигар мустақиман ба Шароф Рашидов мактуб навиштан ба Муҳтарам иҷозат надод. Ӯ баъди нашри китоби «Зӯртар аз бӯрон» ба Шароф Рашидов ду нусха китоб ирсол намуд. Вале Шароф Рашидов, мисле ки асли воқеаро фаҳмида бошад, дигар чизе нанавишт…

**Ба ҷои худам**

Муҳтарам мар нашриёти «Адиб» муҳаррир шуда, кор мекард. Боре ӯро ба Радиои ҷумҳуриявӣ барои кор даъват карданд. Вай назди директор Абдуҷалил Воситзода даромада, рухсат пурсид.

-Не, уко, Шумо ба худамон лозим. Сабр кунед, ба вазифаи болотар мегузаронем.

Баъди чанде ӯро муҳаррири калон таъин карданд.

Боз пас аз чанд муддат ӯро ба вазифаи ҷонишини муҳаррири рӯзномаи ҳамонвақтаи ҷавонон даъват намуданд. Воситзода ин дафъа ӯро ба вазифаи мудири шӯъбаи тарҷумаи адабиёти бадеӣ гузоронд.

Ин дафъа ба Шӯрои вазирон ба кор даъват карданд.

-Чӣ кор кунам, ин дафъа ба ҷои худам таъин кунам? -ҳазломез пурсид Воситзода.

Вале ӯ баъди фурсати кутоҳе барои кор ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ба кор рафт.

**Як бори дигар нақл кунед**

Абдуҷалил Воситзода, директори ҳамонвақтаи нашриёти «Адиб» бисёр сигарет мекашид. Ҳар ки дар бораи зарари сигарет ба ӯ чизе мегуфт, сахт меранҷид. Боре Муҳтарам дар як рӯзнома дар бораи як мӯйсафеди 128-солае аз Бразилия хабаре хонда буд, ки шуғли дӯстдоштаи он мӯйсафед дар пайраҳаи ҷангалӣ қадам зада сигарет кашидан будааст. Духтурон ӯро муоина карда, сигарет кашиданро манъ мекунанд. Баъди чанде мӯйсафед бемор мешавад. Духтурон ноилоҷ ӯро дубора барои сигареткашӣ иҷозат медиҳанд. Воситзода сари ҳар чанд вақт аз ӯ хоҳиш мекард, ки ҳамон нақлро такрор кунад.

Агар қаҳри Воситзода меомад, сурх мешуд, асабонияташ зоҳир мегардид. Рӯзе Муҳтарам аз назди бинои нашриёт гузаштанӣ буд, Воситзода ӯро оҷилан ба назди худ ҷеғ зад. Ӯ бо се-чор нафари дигар рост истода суҳбат мекард.

-Ҳотамов, -гуфт ӯ, -илтимос ҳамон нақлатонро як бори дигар гуфта диҳед.

Вай нақлро такрор кард. Воситзода ҷониби як ҳамсуҳбаташ рӯ оварда гуфт:

-Дидед, садқаи одам шавед Шумо! Касал мекунад, саратони шуш мекунад. Ҳеҷ бало намекунад.

Ва асабонияташ дур шуд.

**Ахмедов гуфт**

Муҳтарам нав ба нашриёт ба кор омада буд. Мастон Шералӣ ва Қутбӣ Киром низ дар нашриёт кор мекарданд. Солҳои 74-75 асри гузашта, дар мағозаҳо фурӯши машруботи спиртӣ маҳдуд буд. Қутбиву Мастон баъди анҷоми кор дар утоқи кориашон нишаста ба қавле садтагӣ мекарданд. Дар назди бинои нашриёт, воқеъ дар кӯчаи Шевченко мағозае вуҷуд дошт, мутобиқи реҷаи муайян шароб мефурӯхт.

Қутбӣ ба Муҳтарам ҳар бегоҳ панҷсӯмае медод, ки аз мағоза як шиша шароб ва нону ҳасиб биёрад. Бо таъкиди Қутбӣ ҳар дафъа Муҳтарам ба фурӯшанда мегуфт, ки «Ахмедов гуфт». Фурӯшанда андешамандона шишаеро пинҳонӣ ба рӯзномаи кuҳна печонда, ноаён ба дасти ӯ медод. Ӯ низ худ ҳайрон мешуд, ки ин Ахмедов кист, ки фурӯшанда, аз шунидани номаш бемамониат шароб медиҳад. Як рӯз аз Қутбӣ пурсид:

-Устод, ҳамин Ахмедов кист?

-Ман аз куҷо донам? -гуфт Қутбӣ.

**Ҷанҷол - баъди маош**

Муҳтарам ва Раҷаб Мардон сари масъалае бахс карда, гапашон гурехту қаҳрӣ шуданд. Айби Раҷаб Мардон шуда буд ва ӯ мехост ба воситае ин ранҷишро аз дили ӯ барорад. Рӯзе баъди кор хост ба мошинаш нишаста хона равад. Аз дур дид, ки касе дар мошинаш нишастааст. Дар ҳавлии нашриёт аксар вақт мошиндорон дари мошинҳошонро маҳкам намекарданд. Дид, ки Раҷаб Мардон. Чизе нагуфта ба мошин нишасту онро ба ҳаракат даровард. Хонаи Раҷаб Мардон дар наздикии хонаи Муҳтарам буд ва ӯ то он ҷое, ки роҳи хонаҳошон ҷудо мешуд, омада истод. Яъне он тарафаш худат рав. Вале Раҷаб Мардон бо ангушташ роҳи хонаашро нишон дод. Яъне ин тараф ҳай кун. Ӯ то назди даҳлези Раҷаб Мардон омаду истод. Яъне марҳамат фуро. Мардон Раҷаб лаҳзае хомӯш нишасту гуфт:

-Хона намедаромадагӣ номард.

Ӯ мошинро канортар гузошту аз дунболи Раҷаб Мардон ба хонааш даромад. Ду қадаҳи аввал бесухан буд. Ҳар гуна нуқлҳо, нӯшокиҳои шифобахш ва ғайраву ғайра суҳбати онҳоро тафсонд.

Рӯзи дигар саҳарӣ ба кор омада, аз Раҷаб Мардон пурсид:

-Боз кай ҷанҷол мекунем?

-Сабр кун, маош шавад, -гуфт Раҷаб Мардон дар ҷавоб.

**Тағоят нағз**

Як хешованди ҳамсари Муҳтарам дар шифохонаи Қаряи боло хоб буд. Ҳамсараш гуфт:

-Тағоямро як бор хабар мегирифтӣ, хуб мешуд. Имрӯз ё пагоҳ ҷавоб мешавад.

-Майлаш, бегоҳӣ ягон хӯрок тайёр кун, меравам хабараш мегирам, -гуфт ӯ.

Вай бегоҳӣ дар як зарф, ки барои се-чор кас басанда буд, хӯрок гирифт ва аз миёни боғи маҳаллаи 102 пиёда убур намуда, мехост бо маршруткаи 8 ба шифохонаи Қаряи боло равад. Аз пешаш Раҷаб Мардон баромад, ки дар дасти ӯ низ чизи коғазпече буд. Вай чун нияти Муҳтарамро фаҳмид, гуфт, ки ӯро ҳам як хешовандаш дар хона меҳмон шудааст ва ӯ барои шароб мағоза рафта буд.

-Лекин биё, гумуш кун, ҳардуямон дар бехи як дарахт мешинем.

-Медонӣ, ки ман кайҳо боз наменӯшам.

-Хайр, биё шинем, майлаш нанӯш.

Раҷаб Мардон бо як даст аз банди дасти Муҳтарам сахт дошта, мисле ки гӯё ҳоло ӯ раҳо ёфта мегурехта бошад, ба шишаи дасташ ва зарфи хӯроки дасти Муҳтарам ҳарисона нигоҳ мекард.

-Охир, ин касалӣ тағои занам мешавад, дар хона чӣ мегӯям?

-Бигӯ, ки ҷавоб шуда рафтааст.

Муҳтарам ҳар баҳона пеш меовард, аммо аз ҳама халос мешавию аз Раҷаб Мардон не…

Сарпӯши зарфи хӯрок ҳам вазифаи қадаҳро ба ҷо меоварду ҳам вазифаи косаро.

-Тағоят нағз, -гуфт Муҳтарам ба ҳамсараш, бо зарфи холӣ ба хона баргашта. –Иштиҳояш ҳам нағз.

**Бечора физикҳову химикҳо**

Боре академик Ғиёсуддин Меъроҷов, варзишгар Маъдӣ Саъдӣ ва Муҳтарам Ҳотам як рухсатиашонро дар Ғарм гузарониданд. Академикро ҳар рӯз ду-се ҷо ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Баъди ҳар як меҳмонӣ ба Муҳтарам нимшӯхиву нимҷиддӣ мегуфт:

-Дидӣ?

Рӯзе як мухлиси Муҳтарам ӯро ба меҳмонӣ даъват кард. Баъди зиёфат ӯ низ бо ҳамон оҳанг ба академик рӯ оварда гуфт:

-Дидӣ?

-Ҳоло низ дар диёри мо якта-нимта қадри шеъру суханро мефаҳмидагӣ ҳаст. Ман ҳайронам, ки бечора олимони физикаву химияро ягон кас суроғ мекарда бошад? –бо ҳайрат гуфт Меъроҷов.

**Вайрон нашав**

Мастон Шералӣ ҳар замон ба Муҳтарам мегуфт:

-Илтимос, ҳамин ту вайрон нашав!

Қутбӣ мегуфт:

-Бо мо бошаду вайрон нашавад?

**Ном ва тахаллус**

Тахмин соли 1975 буд. Мудири шуъбаи тарҷумаи адабиёти бадеии нашриёти «Ирфон» (он вақтҳо «Адиб» вуҷуд надошт) Шариф Шараф Муҳтарамро ба утоқи кориаш даъват карда, ба устод Сотим Улуғзода, ки романи «Дон Кихот»-и Мигел де Сервантес ва «Достони Уленшпигел»-и Шарл де Костерро тарҷума карда буд, муаррифӣ кард:

-Ин кас Муҳтарам. «Достони Уленшпигел»-ро барои таҳрир ба ҳамин кас супоридем. Муҳаррири нағз.

-Бисёр хуб, -гуфт устод Улуғзода. -Муҳтарам ном ё тахаллусатон?

-Номам, -гуфт Муҳтарам.

-Тахаллусатонро низ Муҳтарам гӯед, -маслиҳат дод устод.

-Хуб, устод, -гуфт Муҳтарам ва то имрӯз ному тахаллусаш ҳамин аст.

**Шоири нағз ва ҷавон**

То соли 1988 ду маҷмуаи ашъори Муҳтарам ба нашр расида бошад ҳам, барои ба узвияти Иттифоқи нависандагон қабул шудани ӯ як-ду шоири бонуфуз муқобилат мекарданд. Ҳамон сол, боре барои дидани як рафиқаш ба бинои Иттифоқи нависандагон омад. Дар ошёнаи дуюм ба устод Бозор Собир тасодуфан вохӯрд. Бозор, ки хеле ошуфтахотир менамуд, ҳатто ба саломи ӯ алек нагирифта, ягон калима ҳам нагуфта, аз банди дасташ дошту ба утоқи кории Раиси ҳамонвақтаи Иттифоқ Муъмин Қаноат овард.

-Шоири нағз ҳам гӯед, ҳамин кас, шоири ҷавон ҳам гӯед, ҳамин кас, агар не гӯед, дигар нест, -гуфт устод Бозор Собир.

Баъд маълум шуд, ки сари масъалаи қабули шоирони ҷавони боистеъдод байни Бозор Собир ва Муъмин Қаноат чанд лаҳза пеш баҳсе шудааст...

**Устод, Шумо ташна мондагӣ**

Боре устод Лоиқ, нависанда Ҷонибек Акобир ва Муҳтарам Ҳотам сафари Маскав карда, ҳар се дар як ҳуҷраи меҳмонхона ҷой мегиранд. Шаб устод Лоиқ хеле сахт хуррок кашида, шариконашро хоб рафтан намемонад. Онҳо як-ду соат тоқат карда, чӣ кор карданашонро намедонанд. Агар бедор карда гӯем, ки устод, хуррок накашед, шояд ранҷанд. Рахти хоби Ҷонибек ба устод Лоиқ наздиктар буд. Дар байнашон мизе ва дар рӯи он як шишаи пластикии якунимлитра оби маъданӣ ва стакан меистод. Ӯ ба Ҷонибек гуфт, ки ба устод об диҳед, шояд аз хуррокашӣ монад.

Ҷонибек стаканро пури об карда, устод Лоиқро аз хоб бедор карду гуфт:

-Устод, Шумо ташна мондагӣ, ҳамин обро нӯшед.

Устод Лоиқ дар воқеъ ташна монда буд, ки обро ҳарисона нӯшида «раҳмат, бачем», гӯён сар ба болишт ниҳод. Вале панҷ дақиқа нагузашта боз овози хурроки устод баланд шуд. Баъди тақрибан як соат боз Ҷонибек ба устод об рехта устод, Шумо ташна мондагӣ, ҳамин обро нӯшед, гӯён об дароз кард. Устод обро нӯшидаву чизе нагуфта аз нав сар болишт ниҳод.

Боз ҳамон аҳвол. Субҳ ба дамидан наздик буд. Ҷонибек ин дафъа вақте обро ба устод дароз кардаву устод, Шумо ташна мондагӣ, ҳамин обро нӯшед, гуфт, устод ошуфта шуд:

-Э ман ташна не, мемонед, хоб кунам?

**Цвет нации**

Боре Давлат Худоназар дар Маскав устод Лоиқ, Ҷонибек Акобир ва Муҳтарам Ҳотамро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард. Вай тақрибан соати ёздаҳи шаб, баъди меҳмонӣ онҳоро бо мошини худаш ба меҳмонхона мебурд. Дар роҳ дар як кӯчаи хурде кормандони Омон, автоматҳо дар даст мошини онҳоро нигоҳ дошта, ҳуҷҷат талаб карданд. Давлат Худоназар ба онҳо гуфт:

-Что вы, ребята, тут сидят цвет нации. Народный поэт, поэты, писатели…

Яке аз онҳо сухани Давлатро бурида гуфт:

-Пусть цвет нации сидят в машине, а ты иди сюда.

Муҳтарам мушоҳида кард, ки онҳо Давлатро ба равшании таги симчӯби канори роҳ бурда чизе гуфтанд ва ӯ даст ба ҷайб бурда, пулҳои дасташро шумурда ба онҳо дод. Дар равшании таги симчӯб ҳангоми пулшуморӣ ангушти калонии Давлат даҳ маротиба хаму рост шуд.

**Агар достон нависед…**

Муҳтарам дар Хонаи эҷодиёти нависандагони Переделкинои шаҳри Маскав дам мегирифт. Гулрухсор ва нависанда Баҳманёр низ дар ҳамон ҷо буданд. Як рӯз Гулрухсор ба воситаи телефони дохилии Хонаи адибон ба Муҳтарам гуфт, ки баъди тақрибан ним соат ба утоқи ман биёед. Гулрухсор дар бинои нав ва Муҳтараму Баҳманёр дар бинои кухна иқомат доштанд. Вақти таъиншуда онҳо ба назди Гулрухсор рафтанд. Дар саҳни бино Гулрухсор занеро гусел карду ба онҳо, ки наздик омада буданд, гуфт:

-Ин кас зани Аскар Акаев - Марям. Хабаргирӣ омада буд. Биеёд, ман шуморо бо коняки Аскар Акаев зиёфат мекунам.

Онҳо ба ҳуҷраи Гулрухсор даромаданд. Ӯ шишаи конякеро кушода, ба Муҳтарам ва Баҳманёр ба маънои томаш даҳграмӣ рехта, гуфт, ки ин конякро Президенти Қирғизистон барояш фиристодааст. Ӯ аз ҳар боб сухан ронда, дигар конякро аз хотир бароварда буд.

Тоқати Баҳманёр тоқ шуду ба Гулрухсор гуфт:

-Муаллима, мо дар берун як сигаретӣ кашем, баъд меоем.

-Ҳамин ҷо кашидан гиред, ман ҳам мекашам, -гуфт Гулрухсор.

-Не ин ҷо ош намешавад, -гуфт Баҳманёр ва онҳо берун баромаданд.

Дар берун Баҳманёр ба ӯ гуфт:

-Зуд ягон шеър пайдо куну ба Гулрухсор хон, ки ақаллан панҷоҳграммӣ бароямон резад.

Ӯ шеъреро, ки ёд дошт, дар зеҳнаш барқарор карду гуфт:

-Рафтем..

Даромадан замон Баҳманёр гуфт:

-Муаллима, Муҳтарам барои шумо як шеър эҷод кардааст. Гулрухсор мутаваҷҷеҳ шуд. Муҳтарам хонд:

Аз бахри Худо дардеҳ
Як ҷоми дигар соқӣ,
То кай бихӯрам аз ғам
Ман хуни ҷигар, соқӣ.
Он гаҳ ки ман аз мастӣ
Аз пой ба сар афтам,
Бархезаму бигзорам
Дар пои ту сар, соқӣ.

Баҳаманёр қаноатмандона забон мазза додаву ба шиша ҳарисона менигарист. Аммо Гулрухсор қотеъона гуфт. Ҳоло шеър навиштед. Агар достон нависед, дигар як граматон намерезам.

**Беҳтарин маош…**

Охири солҳои навадуми асри гузашта Ҳабибулло Нозирӣ сармуҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» таъин шуд. Ӯ Муҳтарам Ҳотамро низ барои кор ба ҳафтавор даъват кард. Ҳафтавор на маош дошт, на ҳаққи қалам. Он вақтҳо пули нақд кампайдо буд. Се-чор нафар ходимони ҳафтавор барои ҳар шумора чанд саҳифагӣ мавод тайёр мекарданд.

Рӯзе Назри Яздонӣ дар кӯча ӯро дида, аз кору бор, аз ҳолати ҳафтавор пурсон шуд.

–Маош нест, ҳаққи қалам нест, лекин аз ҳисоби сармуҳаррир ҳар нисфирӯзӣ ба ходимон панҷ самбӯса ва бегоҳӣ се самбӯса бо сад грамаш дода мешавад.

-Беҳтарин маош, - гуфт Назри Яздонӣ.

**Хари масчоӣ**

Муҳтарам дар як суҳбат вобаста ба мавзуъ ӯ қиссаи ду масчоиро бо харҳояшон нақл кард. Дар он гуфта мешавад, ки ду масчоӣ бо харҳои пурборашон дар роҳи танги овринги кӯҳӣ бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд. Дар он роҳ ҳеҷ имкони қафо гаштан ё аз паҳлуи ҳам гузаштан нест. Бояд танҳо як хар гузашта, роҳро идома диҳад. Соҳибони хар маслиҳат карда, хареро, ки бо бораш камарзиштар аст, ба ҷарӣ тела медиҳанд. Хари дигар роҳро идома медиҳад. Яке аз ҳамдиёронаш (номашро нанавиштем) ин қиссаро дастак карда, дар маъракаҳо «Ку, нақл кун, хари масчоӣ чӣ гуфтааст», -гӯён хандидаву беадабӣ мекард. Ӯ чанд дафъа тоқат кард. Баъд вақте он беадаб боз ин саволро такрор кард, гуфт: «Хари масчоӣ гуфтааст, ки ман аз «фалонии фалонҷоӣ ботамизтарам». Фалонӣ баъд аз ин аз беадабиаш монд.

**Он мой устод**

Максим Карено, солҳои 90-уми асри гузашта муовини раиси Идораи робитаҳои иқтисодии хориҷии Роҳи оҳан буда, кору масруфияти зиёд дошт. Муҳтарам баъзан-баъзан ба назди ӯ мерафт. Ҳамеша дар назди Максим одам буд ва ӯ дар қабулгоҳаш фурсатҳо менишаст. Ҳар гоҳе Максим барои коре аз утоқи кориаш берун мешуд, мегуфт, «устод, узр, камтари дигар шинед, ҳозир холӣ мешавам».

Баъд Максим дар қабулгоҳаш русдухтари гармрӯеро бо номи Наташа ба кор гирифт. Ӯ ба назди Максим омада, бо Наташа суҳбат кардаву интизор менишаст. Ин ҳолро Максим пай бурда, ба котибааш гуфт:

-Наташа, он мой устод. Никогда его незадерживай. Как приходит, пусть, сразу заходит ко мне.

**Мухлисони сактадӯст**

Солҳои 90-уми асри гузашта дар рӯзномаҳои шахсӣ шеърҳои Максим Карено чоп мешуданд, ки дар онҳо вазну қофия чандон риоя намешуд. Касе ба Максим тавсия додааст, ки шеърҳоятро пеш аз чоп як бор ба Муҳтарам Ҳотам нишон деҳ. Ӯ чанде ба шеърҳои Максим қалам зада, сактаҳои онҳоро дуруст мекард.

Рӯзе Максим гуфт:

-Устод, бо ҳамон шеърҳои сактадорам мухлисонам зиёдтар буданд. Аз бозе, ки сактаҳояшонро дуруст мекунӣ, ягон мухлисам намондааст.

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

-Мухлисонат сактадӯст будаанд.

**Устод ва шогирд**

Боре Муҳтарам Ҳотам бо Максим Карено аз як меҳмонӣ бармегаштанд. Тақрибан дар нимаи роҳ чизе ба ёди Максим омаду пурсид:

-Устод, портфели маро гирифтед? Дар дарунаш пул буд.

-Дар дарунаш пул буданашро медонистам, мегирифтам. Лекин ман намефаҳмам, ки устод портфели шогирдро мебардорад, ё шогирд аз они устодро.

-Пеш шогирдон портфели устодонро мебардоштанд, ҳоло баракс, устодон бояд портфели шогирдонро бардоранд, -гуфт нимшӯхиву нимҷиддӣ Максим.

**Нома ба Максим Карено**

Барои истироҳат ба Хонаи эҷодиёти нависандагони Переделкино ба шаҳри Маскав рафта, дар ҳодисае пулҳояшро ки аз Максим қарз гирифта буд, гум мекунад. Максим баъди хондани ин нома аз қарзаш мегузарад.

*Толеъи бад аз амри қазои азалӣ шуд,*
*Чун амри қазо буд, ба оне амалӣ шуд.*

*Ҳам омада буд гарчи ба тафреҳ ба Маскав,*
*Устоди ту ҳам хаста шуду ҳам касалӣ шуд.*

*Як рӯз, надонам, ки чиҳо рафту чиҳо монд,*
*Дар кисаи мо рубл ба ҳадди ақалӣ шуд.*

*Он гоҳ задам занг ба овози гирифта,*
*Аз ҷониби шогирд ҳам овози «бале» шуд.*

*Он лаҳза надонам чуну кай кард ишорат,*
*Дар киссаи мо доллари бисёр тале шуд.*

*Лекин ҳама дар як нафасе рафт ба ягмо,*
*Аз гӯлу гарангӣ шуду аз кӯру калӣ шуд.*

*Чун чора набуд ҷуз гаму андешаи бисёр,*
*Гуфтам, ки зи тақдири Худои таъаллӣ шуд.*

*Сайдар гами худ монду гирифта гами манро,*
*Қодир зи сафар омаду андар тасаллӣ шуд.*

*Максим, чӣ кунам чора, ки ин шашсади дигар*
*Аз киссаи ту ҳиссаи Аҳрори Валӣ шуд.*

*... Дар таърихи сиюми июни наваду шаш*

*Дар соати ёздаҳ ба вақти маҳаллӣ шуд.*

**Муҳтарам дар дигар тайёра**

Ҷиҳати идомаи ҷашнвораҳо ба ифтихори 650-солагии Камоли Хуҷандӣ меҳмонон аз Душанбе озими Хуҷанд гардиданд. Аҳли зиё ва ҷамоатчигии шаҳр дар як тайёра, роҳбарони давлат ва меҳмонони хориҷӣ дар тайёраи дигар бояд парвоз мекарданд. Дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд роҳбарияти вилоят ва дигар пешвозгирандагон бо нону намак ва гул мунтазири меҳмонон буданд. Нахустин шуда тайёраи аҳли зиё дар фурудгоҳ поин шуд. Пешвозгирандагон бо гумони он ки ҳама меҳмонҳо дар ҳамин як тайёраанд, касеро бо ошуфтагӣ ҷустуҷӯ мекарданд. Яке аз онҳо гул дар даст, телба, аз Гулназар пурсид:

-Устод... устод... Муҳтарам... Муҳтарам... наомаданд?

Гулназар ба атрофиёнаш ишора намуда гуфт:

-Номи Муҳтарам дар рӯйхат набуд. Номи Камол буд, номи Раҳмат буд, ина омаданд. -Ҳамин вақт чизе ба хотири Гулназар расид, ки гуфт: -Ҳа, ҳа, Муҳтарам дар дигар тайёра, ҳозир мефуроянд.

**Ман нагузаштагӣ ҳисоб**

Раиси Иттифоқи нависандагон Меҳмон Бахтӣ ба Муҳтарам гуфт:

-Мо китоби «Сурӯши сухан»-атонро ба мукофот пешниҳод мекунему лекин Шумо бояд як кор кунед.

–Чӣ будааст он? –пурсид ӯ.

–Шумо бояд рӯйхати аъзои комиссияи мукофотҳоро ёфта, онҳоро бо зодрӯзҳояшон ва дигар ҷашнҳо табрик намоед, имкон бошад ягон туҳфача низ тақдим кунед, -гуфт Меҳмон Бахтӣ.

–Ин хел бошад, ман нагузаштагӣ ҳисоб, -гуфт Муҳтарам.

**Шароби хаёлӣ**

Ходимони идораи ҳафтавори «Роҳи умед» (ҳоло «Нақлиёт»), ки он вақт Муҳтарам Ҳотам сармуҳаррираш буд, шумораи навбатиро ба қавле шиштанду «шуштанд». Панҷ кас ва як шиша. Ато Мирхоҷа он вақт бо ҳафтавор ҳамкорӣ дошта, рӯздармиён ба идора меомад. Ана ҳамин вақт ӯ ба идора ворид гардид. Шиша ва пиёлаҳо холӣ, аз дусад грамм ҳасиб нишоне ҳам намонда. Танҳо Дядя (Абдураҳмонро аз қавли ҷиянаш Максим ҳамин тавр меномиданд), ки аз ҷиҳати синну сол ва вазифа аз ҳама хурдтар буд, саргарми сӯҳбат, маззакунон ба пиёлааш нигариста, нӯшидани онро ба таъхир андохта буд. Ӯ бо истифода аз вазифааш пиёларо аз дасти Дядя гирифта, ба Ато дод ва гуфт:

-Дер кардӣ, Ато, на арақ монду на закуска. Хайр, ҳамин арақи Дядяро бинӯш ва як закускаи хаёлӣ худат эҷод кун. Мо шоирон метавонем маъшуқаи хаёлӣ эҷод кунем, эҷод кардани закуска чӣ ҷон дорад?

Дядя бо ошуфтагии аз даст додани пиёлаи бо завқ нигоҳдоштааш, аз раги пешониаш маълум буд, ки чи ҳаяҷонеро аз сар мегузаронад, пиёларо аз дасти Ато чанг зада гирифту гуфт:

-Шумо, шоирон, агар маъшуқаи хаёлӣ офаред ва агар колбасаи хаёлӣ офарида тавонед, пас як шиша араққи дигар ҳам офарида нӯши ҷон кунеду пиёлаи маро ин тараф диҳед...

**Сигарет тамом шудааст**

Дар замони шӯравӣ аксар сигоркашҳо «ВТ» мекашиданд, ки нархаш ҳаштод тин бошад ҳам, камёфт буд. Муҳтарам ҳар бегоҳ ба писарчаи ҳафтсолааш Беҳрӯз як сӯм медод, ки аз магазини назди хонаашон як қуттӣ сигарет биёрад ва дар бист тини бақияи он барои худаш яхмос.

Боре Беҳрӯз як сӯмро гирифта барои сигарет рафт ва баъди чанд лаҳза ба хона баргашт, ки дар як даст яхмос дошт ва бо дасти дигар ҳаштод тинро ба падараш дароз карда гуфт:

-Сигарет тамом шуда будааст...

**Мактуби модар**

Муҳтарам баъди хатми донишгоҳ дар шаҳр монд ва чанд муддат ба падару модараш мактуб наанавишт. Боре аз модараш мактуб гирифт, ки баъди дуову салом ин порчаи шеъриро низ навишта буд:

*Як села кабӯтара дар ҷар дидум,*
*Мисли ту бачай беаҳда камтар дидум,*
*Ё бори Худо, кавгум кунӣ ё боша,*
*Маҳлоқу занум, куҷое бачам боша.*
*Дафтару қалами ҳукумат қимат нест,*
*Як порча хати ту ҳайф бар мо боша.*

Ӯ зуд коғазу қалам гирифта, ҷавоб навишт.

**Пурсидан айб нест**

Боре писари донишҷӯи Муҳтарам - Беҳрӯз, ки саргарми дарстайёркунӣ буд, аз падараш пурсид:

-Аво, мегӯянд пурсидан айб нест, як чиро пурсам?

-Марҳамат бипурс, -гуфт ӯ бо гумони он ки писараш ягон масъалаи вобаста ба дарсҳояшро мепурсад.

-Ҳамин курткаи чарминатро пӯшам, майлаш? -пурсид Беҳрӯз.

-Айба бидон, -гуфт ӯ.

**Мо тарбуз нахӯрдем.**

Муҳтарам бегоҳӣ ба хона баргашта, ҳамин ки аз дар даромад, Беҳрӯзи панҷсола ба пешвозаш тохта, аво, аво, мо тарбуз нахӯрдем, -гуфт.

Ӯ аз ин суханон ҳайрон шуда, аз ҳамсараш асли воқеаро пурсон шуд. Маълум шуд, ки Беҳруз ва модараш аз дӯкони назди хонаашон тарбузчае гирифта, ба хона меоянд ва модараш мегӯяд, ки тарбузро то амадани авот

нигоҳ медорем ва баъд онро кушта мехӯрем. Аммо Беҳрӯз ва дигар бародарону хоҳаронаш бетоқатӣ карда, ҳар лаҳза хоҳиши тарбуз хӯрдан менамояд.

-Майлаш, -мегӯяд модараш, -тарбузро кушта медиҳам, аммо авотон, ки аз кор омад, нагӯед, ки тарбуз хурдем.

**Ма дав назадем**

Муҳтарам чанд сол дар Кобул ба ҳайси тарҷумон кор кард. Ҳамсар ва писарчаи шашсолааш Беҳрӯз чанд муддат бо ӯ буданд. Боре ҳангоме ки бегоҳӣ аз кор баргашт, дид, ки Беҳрӯз бо писарбачаҳои афғонӣ – ҳамсояҳошон дар назди хона бозӣ доранд. Ин вақт яке аз писарбачаҳои афғон падари Беҳрӯзро дида, ба назди ӯ омада шикоят кард:

-Падари Беҳрӯз, Беҳрӯз дав мезана.

Муҳтарам гапи писарбачаи афғонро нафаҳмида бошад ҳам, ба Беҳрӯз гуфт:

-Беҳрӯз, чаро дав мезанӣ?

-Ма дав назадем, -гуфт Беҳрӯз ба шеваи дарӣ ва ҳамроҳи падараш ба хона рафт.

Ӯ ҳайрон буд, ки писарбачаи афғон чӣ шикоят карду Беҳрӯз чи ҷавоб дод. Баъди пурсуҷӯҳо аз Беҳрӯз фаҳмид, ки афғонбача гуфтааст, ки Беҳрӯз дашном медиҳад ва Беҳрӯз дар ҷавоб гуфтааст, ки ман дашном надодаам.

**Ба як ҳисоб ҳов, ба як ҳисоб не**

Муҳтарам ба писараш Беҳрӯз супорише дода баъди чанд муддат пурсид, ки иҷро кардӣ?

Беҳрӯз гуфт:

-Чи хеле ғармиҳо меган: ба як ҳисоб ҳов, ба як ҳисоб не.

**Ман хона рафтанӣ не**

Муҳтарам баъди як тӯй меҳмонон ба саҳни тарабхона баромада, се-чаҳорнафарӣ саргарми сӯҳбат буданд. Ӯ низ бо чанде аз рафиқони кайҳо надидааш сӯҳбат мекард. Ҳамин вақт яке аз мухлисони ӯ, ки дар ҳамин тӯй иштирок доштааст, ҳамроҳи ҷавони дигаре назди Муҳтарам омада гуфт:

-Устод, ин кас ҷияни ман, бо мошинаш шуморо то хонаатон бурда мемонад.

-Ташаккур, заҳмат накашед, ҳолӣ мо бафурҷа, -гуфт Муҳтарам.

Вай рафиқони дигарашро вохӯрда, саргарми сӯҳбат буд, ки он мухлис боз назди ӯ омада, иддаояшро такрор кард:

-Устод, ана ҳамин ҷияни ман шуморо то хонаатон бурда мемонад.

Дар саҳни тарабхона тӯякиҳо бисёр буданд. Он мухлис дар байни рафиқон «устод»-ашро ҳар замон пайдо карда, такрор ба такрор ҳамон гапро мегуфт. Дар охир тоқаташ тоқ шуду гуфт:

-Ҳой, ҷӯраҷон, чӣ ин қадар маро маҷбуран хона бурданиед, охир ман хона рафтанӣ не!

## Соати регӣ

Муҳтарам ҳамроҳи дӯсташ Мирзоҳиммат дар осоишгоҳи Хоҷа оби гарм ба бӯғ даромаданд. Бӯғ хеле гарм буд. Рег аз гулӯи соати регии панҷдақиқаина он қадар бафурҷа мерехт, ки гумон мекардед, то охири қиёмат тамом намешавад. Сонияҳо дар назараш соатҳо менамуд. Ӯ гаштаву баргашта ба соат нигоҳ мекард ва охир тоқаташ тоқ шуду ба Мирзоҳиммат гуфт:

-Додарҷон, ҳамон сӯрохии соатро каме кушод карда намешавад?

-Не, ака, намешавад, -гуфт Мирзоҳиммат, -лекин ҳамин дарро кушода баромада мешавад.

### Фарзанди мо

Муҳтарам дар бораи таърихи Конибодом рисолае навишт. Раиси ҳамонвақтаи Конибодом Эминҷон Сангинов бо пешниҳоди устод Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ китобро нашр намуда, Муҳтарамро ба Конибодом даъват намуд.

Дар кӯчаҳои Конибодом, мӯйсафедони нуронӣ, ки китобро хонда буданд, ӯро ба канор гирифта, мегуфтанд:

-Писарам, акнун Шумо фарзанди моед.

-Ман камтар хушбахтиеро ба ин монанд эҳсос карда будам, -мегӯяд ӯ.

### Хайрият дар автобус наомадӣ

Муҳтарам як бегоҳӣ бевақт ба хона омада, дид, ки бародари хурдиаш, ки дар деҳа зиндагӣ мекунад, бо се нафар шахси ношинос дар хона нишастаанд. Саҳарӣ, баъди гусели меҳмонҳо аз бародараш пурсид, ки ин меҳмонҳо киҳо буданд?

-Ман ҳам онҳоро намешиносам, -гуфт дар ҷавоб бародараш. -Дина, аз маркази ноҳия дар як мошини майда ҳамсафар шудем, гуфтанд, ки дар шаҳр ҷои шаб истодан надоранд, барои ҳамин онҳоро ҳамроҳ овардам.

-Хайрият, ки дар автобус наомадӣ, додар, -гуфт ӯ.

### Гӯсфанди «ҳайфшуда»

Муҳтарам боре Кӯлоб рафту устод Ашӯр Сафар ӯро ба саёҳат бурд. Баъди тамошои манзараҳои кӯли Муъминобод онҳо дар хонаи муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» Қувваталӣ Холов меҳмон шуданд. Мизбон барои меҳмонон дар таги дарахтони поёни ҳавлияш ҷои нишаст тайёр карда буд. Роҳи ҷои нишаст аз паҳлуи шолаи гӯсфандон, ки дар он ҷо тақрибан 10-12 гӯсфанд буд, мегузашт. Ашӯр Сафар гӯсфандонро дида, ба Қувваталӣ Холов бо шӯхӣ гуфт:

-Ҳо, ҳамон гӯсфанди аз ҳама калонашро накушӣ, ки ҳайф мешавад.

Қувваталӣ Холов табассум карду чизе нагуфт. Онҳо дар таги дарахтон то бегоҳ нишаста, суҳбату хушгӯӣ карданд. Вақти аз ҳавлӣ баромадан Муҳтарам ба гӯсфандони шола нигоҳ карда, ҳамон гӯсфанди аз ҳама калонро надид…

**Дасти бахосият**

Ҳангоми дар Донишгоҳи омӯзгории Душанбе таҳсил кардан, дар нимсолаи аввал ба донишҷӯёни соли аввал дар қатори дигар фанҳо психология, ки ба назари Муҳтарам хеле мушкил менамуд, дарс дода мешуд. Ин фанро муаллими сахтгир ва ҷиддӣ Ниёз Сафар дарс медод. Ҳангоми имтиҳонҳои нимсола донишҷӯён аз ин фан хеле дар ҳарос буданд. Ӯ хуб тайёрӣ дид, вале дудила буд.

Ниёз Сафар ҷавобҳои ӯро гӯш карду ба ӯ маънидорона нигоҳ кард ва дар дафтарчаи имтиҳонсупориаш баҳои «5» гузошт.

-Дасти устод бахосият будааст, -мегӯяд Муҳтарам. –Баъд баҳоҳои ман дар дафтарча то охир фақат «5» буданд.

**Орд**

Солҳое, ки дар нашриёти «Адиб», воқеъ дар бинои бо ном «Партшкол» кор мекардем, рӯзе Муҳтарам Ҳотам аз ман хоҳиш кард, ки баъди кор бо мошинам ба хонаашон як халта орд барем. Бегоҳ аз мағоза як халта орди 70-килоӣ (он вақтҳо халтаҳои орди 70-килоӣ низ буд) гирифтем ва дар пеши хонааш халтаи ордро аз мошин ба пушташ бор кардаму гуфтам:

-Ёрдам кунам?

-Не, худам мебарам, -гуфт ӯ.

Саҳарӣ ба кор омада, аҳволпурсӣ кардаму гуфтам, ордро бурдӣ, янга хурсанд шуд?

-Як кори аҷиб шуд, -гӯён ӯ чи тавр халтаи ордро ба хонааш бурданро нақл кард. -Ҳеҷ вақт иттифоқ наафтода буд, ки бори 70-килоиро ба хонаам, ки дар ошёнаи чорум воқеъ аст, бароварда бошам. Халтаро ба пуштам гирифтаму баъди зинапояи ошёнаи якумро баромадан гуфтам, ки Гурезро беҳуда ҷавоб додам, ёрӣ медод. Халтаи орд дар пушт, миён хам, аз зинаҳо якта-якта қадам гузошта боло мебаромадам. Баъди чанд зинапоя ба кадом ошёна баромаданамро гум кардам. Сарамро бардошта наметавонистам, то рақами дарҳоро дида, ошёнаро муайян кунам. Дарҳо дар замони шӯравӣ ҳама якхела буданд ва аз поёнашон, ки ба чашм мерасид, чизеро муайян кардан мумкин набуд. Шояд халтаро сари китф мегирифтам, ин қадар азоб намекашидам. Аммо халта дар пушт, сар то баробари зонуҳо хам, бо душворӣ боло мебаромадам.

Тахмин кардам, ки то хонаам як ошёнаи дигар монд. Пойҳоям карахт шуданд. Халтаи ордро гузошта,ягон ҳамсояро ба ёрӣ чеғ занам? Не, айб мешавад. Як зӯри дигар зан, -мегуфтам ба худ. –Бо азоби тоқатфарсо зинапояи навбатиро паси сар кардам. Ба тахминам ба пеши дари хонаам расидам. Хостам дарро бо поям занам, то онро кушоянд. Вале майдончаи пеши дар ношинос буд. Пояҳои норбони оҳанин, ки ба болои бом мебаровард, ба чашмам намоён шуданд.

Ҳамин вақт фаҳмидам, ки як ошёна боло, ба ошёнаи панҷум баромадаам…

**Ба кор набиё**

Бобохон Маҳмадов аз Муҳтарам Ҳотам, ки директори нашриёти «Ориёно» буд, хоҳиш кард, ки Усмон Шарифзодаро ба кор гирад, зеро чанд вақт шуд, ки бекор аст. Баъди чанд рӯзи ба кор омадани Усмон маълум шуд, ки ӯ танҳо ба кор халал мерасонаду бас. Бинобар ин ӯ гуфт:

-Дар хона ба кори эҷодиат машғул шав, ба кор набиё.

Лекин Усмон рӯзи маош ҳам омада, ба кори дигарон халал мерасонд.

Муҳтарам гуфт:

-Маошатро худам ба пеши хонаат мебарам. Рӯзи маош ҳам набиё. Агар кадом рӯзе, ба кор омадӣ, ҳаққи ҳамон рӯзро аз маошат медорам.

**Ғайр аз ҷои худам**

Тақрибан соли 1996 буд. Бобохон Маҳмадов, вазири фарҳанг, ба Муҳтарам Ҳотам, ки он вақт дар ҷое кор намекард, гуфт:

-Биё, дар вазорат ҳамроҳ кор кунем.

-Чӣ хел кор? -пурсид ӯ.

-Ғайр аз ҷои худам, кадом ҷоеро ки хоҳӣ, -гуфт Бобохон Маҳмадов.

**Ҳамдард**

Муҳтарам боре ба хона баргашта, ба ҳамсараш гуфт:

-Занак, мову ту ҳамдард будаем.

-Рост, чӣ хел? -пурсид бо тааҷҷуб ҳамсараш.

-Имрӯз аз муоинаи духтур гузаштам. Маълум шуд, ки қанду фишорам баланд, захми меъда ва панкратит ҳам доштаам. Охир ту ҳам ҳамин хел дардҳо дорӣ-ку?!

**Ғамгин машав**

Солҳои 94-95-и асри гузашта пули ба истилоҳ «чӯбин» - рубл роиҷ буд. Мардум бо саду дусад ҳазор хариди кироие карда наметавонистанд. Рӯзе ҳамсараш ғамгину малӯл аз бозор баргашта ба Муҳтарам гуфт, ки кисабурҳо сад ҳазорашро дуздиданд.

Ӯ гуфт:

-Худатро ба даст гир, ғамгин машав, сад ҳазор ҳеҷ гап не, ягон гапат нашавад, ки бо як милён ҳам халос намешавем.

**Ҷарима**

Ҳангоми дар Маҷлиси намояндагон кор кардан Муҳтарам Ҳотам савори мошини хизматиаш кор мерафт. Ронандааш дар роҳ қоидаи ҳаракатро вайрон кард. Нозири роҳ ӯро боздошт. Ронанда ҳуҷҷатҳояшро гирифта, аз мошин баромад ва, аз афташ, ба нозири роҳ киву чикора будани ӯро гуфтааст, ки пас аз лаҳзае вай дари мошинро кушода, баъди саломалеку муаррифӣ гуфт:

-Раис, ронанда ҳаёти Шуморо дар хатар гузошт.

-Чӣ хел? - пурсид ӯ.

-Аз ҷое, ки мумкин набуд, ба чап, ба муқобили ҳаракат тоб хурда, ҳолати садамавиро ба вуҷуд овард.

-Ин тавр бошад, ҷарима кунед, -бо ҷиддият гуфт ӯ.

-Талонашро мегирам, -гуфт корманди БДА.

-Чӣ, ҳаёти ман ба як талон арзиш дорад? Ҷазои сахттар диҳед.

-Шаш моҳ аз ҳуқуқи ронандагӣ маҳрум мекунам.

-Намешавад, боз ҳам сахттар.

-Як сол…

-Намешавад!

Нозири роҳ ҳис кард, ки дар ин гуфтугӯ ва ҷиддият шӯхие ниҳон аст. Ӯ низ ба ҳамин оҳанг гузашт:

-Ҳардуямонро бурда зиёфат диҳад-чӣ?

-Ана, инаш мешавад, -гуфт ӯ ва ҳар ду бо хушҳолӣ даст додаву аз ҳам ҷудо шуданд.

**Роҳи сафед**

Муҳтарам савори мошини як рафиқаш дар шаҳр барои кадом коре шитоб дошт. Ронанда аз чароғаки сурх гузашту нозири роҳ ӯро боздошт. Вақте нозир пеши мошин омад, Муҳтарам гуфт:

-Командир, шитоб дорем, монед, ки равем.

-Э-ҳа, ман ҳуҷҷатҳои ронандаро гирифтаниву Шумо мегӯед, ки монед, ки равем.

-Намегиред! -гуфт Муҳтарам омирона.

-Намегирам?! -пурсид бо ҳамон оҳанг нозир ҳам.

-Намегиред! -такрор кард Муҳтарам.

-Роҳи сафед, - гуфт нозири роҳ ва даст ба чакка бурд.

**Салому алейк**

Мошини Назри Яздониро, ки Муҳтарам Ҳотам дар паҳлуяш нишаста буд, нозири роҳ боздошт.

-Ман барои ин кас мошинро манъ кардам, -гуфт нозир ба Муҳтарам ишора карда. -Дар телевизор саломаш медиҳӣ, алек ҳам намегирад.

-Мумкин нашунида бошам, ин дафъа ҳатман алейк мегирам, -гуфт ӯ.

**Зан бигир**

Сабзалӣ Муродов, муҳаррири нашриёт, синну солаш ба ҷое расида бошад ҳам, хонадор намешуд.

-Чаро зан намегирӣ? -мепурсиданд рафиқонаш ҳар замон.

-Э, чӣ кораш мекунӣ зана? –мегуфт Сабзалӣ.

-Ту аввал зан бигир, баъд худат медонӣ, ки чӣ кораш кунӣ, -гуфт боре Муҳтарам.

**Дашном**

Ҳалимов Субҳӣ солҳои шӯравӣ муҳаррири рӯзномаи донишҷӯёни Донишгоҳи омӯзгорӣ «Педагоги ҷавон» буд. Рӯзе ӯро Муҳтарам дар кӯча ошуфта дида, сабаб пурсид.

-Рӯзнома дина бояд чоп мешуд. Ба матбаа рафтам, то ҳол чоп нашудааст. Назди сардори сех рафтам. Ӯро хуб дашном додам, аблаҳ гуфтам, бетамиз гуфтам, аҳмақу як галла гапҳои дигар. Дилам хунук нашуд, назди сардори матбаа рафтаму гуфтам: Эй аблаҳ, чаро рӯзномаро чоп накардӣ? Эй бетамиз, эй аҳмақ!

Аз ин суханони Субҳӣ дар дили Муҳтарам шубҳа пайдо шуд. Аз ин рӯ пурсид:

-Сардори матбаа чизе нагуфт?

-Не, ягон чиз нагуфт.

-Баланд-баланд гуфтӣ, шунид?

-Хока баланд гуфта мешавад, ба таги дилам гуфтам.

-Ба сардори сех ҳам ба таги дилат гуфтӣ?

-Албатта, ӯро ҳам ба таги дилам дашном додам, -гуфт Субҳӣ.

**Калла надоред?**

Муҳтарам дар ошхона аз рӯи таомнома таоми каллапоча фармоиш дод. Баъди таом овардани пешхизмат ӯ бо қошуқ ду-се бор косаро кофта, ба пешхизмат гуфт:

-Калла надоред?

Пешхизмат чизе нагуфта рафт ва пас аз фурсате бо маъмур ва сарошпаз баргашт.

-Чӣ, ягон камбудӣ шудааст, бародар? –пурсид сарошпаз.

-Не, -гуфт Муҳтарам. -Дар таомномаатон каллапоча навишта шудааст. Дар хӯрокатон фақат поча асту бас. Пурсидам, ки калла надоред?

**Меҳмон**

Муҳтарам ҳангоми дар Кобул кор кардан ба ҳамсараш гуфт, ки нисфирӯзӣ ягон хӯрок тайёр кунад, ки меҳмон меояд. Беҳрӯзи панҷсола аз падараш пурсид, ки меҳмон кист?

-Биёянд, мебинӣ.

Нисфирӯзӣ меҳмонҳо Давлатов Мирзоҳаёт, Муродалиев Ғуломҳайдар, ки дар Кобул кор мекарданд ва Самадов Аҳмадҷон, ки дар яке аз вилоятҳои Афғонистон кор мекарду бори аввал ба хонаи Муҳтарам меҳмон шуда буд, омаданд. Аҳмадҷон кӯтоҳқомат ҳам бошад, дар нисбати қаду қоматаш риши дароз монда буд.

Ба гумони Беҳрӯз меҳмон он аст, ки бори аввал омада бошад. Бинобар ин бо тааҷҷуб ба риш ва қомати Аҳмадҷон нигоҳ мекард. Ӯ ҳайраташро пинҳон карда натавониста гуфт:

-Қадаш чени қади ману риш монда худаша меҳмон кардаст.

### Тарҷумон

Ба Кобул ба гурӯҳи тарҷумонҳо аз Душанбе тарҷумони нав - Маҳмадқул омад. Ҷомадони ӯ бо тайёраи дигар, пас аз як ҳафта расид. Он рӯз ӯ бояд рафта, аз фурудгоҳ ҷомадонашро меовард. Баъди чанд лаҳзаи аз утоқи корӣ баромадан ӯ ҳамроҳи ронанда баргашта гуфт:

-Ин ронанда гапи маро намефаҳмад.

Ронанда ҳам гуфт:

-Тарҷумон соиб, валло и рафиқ чӣ мега, ма намефомум.

Муҳтарам аз Маҳмадқул пурсид, ки ту чӣ гуфтӣ, ки ронанда нафаҳмид?

-Гуфтам, ки ба фурудгоҳ рафта, ҷомадони манро биёрем, нафаҳмид.

Муҳтарам ба ронанда гуфт:

-Мега, ки ба майдони ҳавоӣ рафта, баксои мара биёрем.

-О, ҳами тур буга, намеша? – гуфт ронанда.

### Як сӯм дорам

Нашриёт чанд муддат дар километри нуҳум воқеъ буд. Рӯзе Муҳтарам баъди кор аз идора баромада, дар пеши бино Султон Шоҳзодаро дид.

-Чӣ хел? –пурсид Султон Шоҳзода.

-Аз чӣ бошад, ки сарам дард карда истодааст, -гуфт Муҳтарам.

-Ман як сӯм дорам, -гуфт Султон Шоҳзода.

### Пулашро Мирзоалӣ медиҳад

Муҳтарам рухсатӣ баромаду ба қишлоқ рафт. Як бегоҳ ӯ дар хонаи падариаш дар ҳавлӣ болои кат нишаста, истироҳат мекард, ки дари ҳавлӣ кушода шуду як нафари шаҳрисимо вориди ҳавлӣ шуд. Ӯ чашмонашро молиду боз нигоҳ кард. Бале, Аслам Адҳам. Он вақтҳо ӯ бисёр шароб менӯшид ва ҳамеша шароб мехост. Аксаран шиносҳо дар шаҳр аз ӯ гурезон буданд. Дар қишлоқ шароб нест, аммо ӯ инро намефаҳмид. Шаб истоданду субҳ ба маркази ноҳия омаданд. Аслам Адҳам дар чанд лахза аз омадани худаш ҳамаро бохабар кард. Муҳтарам аз рафтори ӯ дар назди шиносҳояш шарм мекард. Аз як рафиқаш Мирзоалӣ мадад пурсид. Бо пешниҳоди Мирзоалӣ онҳо Аслам Адҳамро ба Камаров бурда, чанд рӯз меҳмондорӣ карданд. Як рӯз ӯро ба маркази ноҳия оварда, ба таксӣ шинонда, пулро ба дасти ронадаи такси доданду ба Душанбе гусел карданд.

Худашон барои истироҳат ба Сиёҳдара рафтанд. Баъди ду ҳафта аз он ҷо баргашта, аз шиносҳо фаҳмиданд, ки Аслам Адҳам як ҳафта онҳоро дар шаҳракҳои Ғарму Навобод кофтааст. Охир онҳо ӯро ба таксӣ шинонда ба Душанбе гусел карда буданд-ку?! Маълум шуд, ки баъди сесад-чорсад метр ҳаракат кардан Аслам Адҳам аз таксӣ фуромада, роҳкироро пас мегираду боз дар суроғи онҳо мешавад. Онҳоро наёфта, як ҳафтаи дигар он ҷо мемонад ва аз ҳар мағозаву буфете, ки рост ояд даромада, шароб мегираду «Пулашро Мирозоалӣ медиҳад» (Мирзоалӣ расчет мекунад), гӯён баромада меравад.

Мирзоалӣ чанд муддат дар мағозаву буфетҳо пули арақҳои Аслам Адҳамро дод. Баъдҳо дар шаҳракҳои Ғарму Навобод аз мағоза касе чизе нася мегирифт, ба масал мегуфт, ки: «Мирзоалӣ расчет мекунад».

**Сафари Ҷалолобод**

Муҳтарам вақте дар Кобул ифои вазифа мекард, роҳбари гурӯҳ гуфт, ҳафтаи дигар, рӯзи сешанбе ба Ҷалолобод сафари хидматӣ хоҳанд рафт. Вале дар ҳамин рӯз бояд ҳамсар ва писарчааш ба Кобул меомаданд ва ӯ бояд онҳоро дар фурудгоҳ аз тайёра пешвоз мегирифт. Роҳбар мегуфт, ки ягон ҳамшаҳриатон рафта аз фурудгоҳ ҳамсару писарчаатро гирифта биёрад, зеро сафарро ба таъхир гузошта намешавад, корҳо бисёру дар ин бора бо сафорат мувофиқа шудааст.

Аммо ӯ розӣ нашуд. Гуфт, ки худам бояд пешвоз гирам. Бо роҳбар гапашон гурехт. Рӯзи сешанбеи ҳафтаи дигар Муҳтарам ҳамсару писарчаашро дар фурудгоҳ пешвоз гирифта, бегоҳ, дар хона нишаста буд, ки дар занг зад. Дарро кушода, роҳбарро дид, ки бо табассум пушти дар истодааст. Вай дар сари мизи чой нақл кард, ки тайёрае, ки имрӯз саҳарӣ онҳо бо он бояд ба Ҷалолобод парвоз мекарданд, бо мушак зада ғалтонда шудааст.

-Ҳамсару писарчаи ту моро аз марг наҷот доданд, -гуфт роҳбар.

**Қалай Шумо ҳамин тобанда?**

Игор, ки тарҷумони қумандони дивизияи шӯравӣ дар Афғонистон Громов буд, забони дариро хуб медонист. Тарҷумонҳои тоҷик мехостанд ӯро мулзам кунанд, бинобар ин шӯхиомез ҳар гуна калимаҳои душворро ба ӯ савол медоданд.

Боре Муҳтарам Ҳотам ба ӯ гуфт:

- Агар ҳамин ҷумларо тарҷума кунӣ, мо қоил, дигар савол нест. «Қалай Шумо ҳамин тобанда» - чӣ мешавад?

-Калай – голова, Шумо – Ваша, ҳамин – эта, тобанда – светлый. Эта Ваша голова светлый, -гуфт Игор.

**Қиссаи кулоҳ**

Соли 1984 ҳангоми кор дар Афғонистон Мирзоҳаёт Давлатови бисёр эҳтиёткор дар шароити аҷибе кулоҳашро гум мекунад. Вай бо рафиқону ҳамкоронаш дар ҳама ҳолат бисёр хурдагирона муносибат мекард. Муҳтарам барои шӯхӣ шеъри зеринро, ки ихтисоран оварда мешавад, навишта ба рафиқон медиҳад.

*…Гум карда кулоҳашро, пут[1] карда гуноҳашро,*
*Оё бувад ояд пас он чи ки зи сар афтад?*
*«Сайёди мугамбир[2]» ӯст, устоду ҳаме пир ӯст,*
*То дар пайи тадбир ӯст, тире ба ҳадар афтад.*

[1] Пут кардан - дар лаҳҷаи кобулӣ пинҳон кардан.
[2] Муҳтарам ва Мирзоҳаёт ҳамдигарро аз сурати «Се шикорчӣ» ба сайёди муғамбирнамо шабоҳат медоданд.

*Донӣ чӣ Ҳаёт аст ӯ, чун Дони Кихот аст ӯ,*
*Хеле басубот аст ӯ, аз гар ба магар афтад.*
*Аз гур-гуру аз гул-гул гардида тиҳӣ Кобул,*
*Ҳар гаҳ ки аз ин шаҳр ӯ дар роҳи сафар афтад.*
*Бас монд ҳикоятҳош, бас монд ривоятҳош,*
*Мирзо[3] ба шикоятҳош аз пой ба сар афтад...*
*Ҳар шаб ба телевизон пайваста бувад эълон:*
*Эълон, кулаҳи арзон! - бар чашму назар афтад.*
*Бодо сари ӯ бедард, пушти кулаҳаш мангар,*
*Ҷойи кулаҳаш дигар ташвиш зи сар афтад.*

**Табрикоти зодрӯзӣ**

Ҳамкоронаш дар Кобул медонистанд, ки Муҳтарам шоир аст. Аз ӯ хоҳиш карданд, ки барои зодрӯзи ҳамкорашон Наил Хайруллини тотор, ки аслан аз Сибир будаву дар Кобул ба корҳои замину зироат машғул буд, шеъре нависад. Вай ҳарчанд мегуфт, ки ӯ ба забони русӣ ҳеҷ гоҳ шеър нанавиштааст, аммо онҳо навиштани шеърро тақозо мекарданд. Баъди чанд лаҳза ин шеърро навишт:

Обследовать поле, составлять карты,
Гораздо легче обследование сердец.
Лучше посещать сердце храм, чем Каабы,
Однажды нам сказал один мудрец.

Пусть пожелает тебе весь народ
То что ты пожелаешь им.
В Афганистане во всем, что в перед
Мы тебе хайру хайрият хотим.

Поздравляем с днем рождения,
Пожелаем тебе счастья и мир,
Тебе долгой жизни - наша желание,
Дольше чем от ДРА до Сибири.

**Ҳазли ёвонӣ**

Муҳтарам ва Назрулло ба аёдати дӯсташон Шарифхон ба Ёвон рафтанд. Дар пеши дарвозаи хонаи дӯсташон саге онҳоро «пешвоз» гирифт, бинобар ин онҳо аз пушти девори ҳавлӣ ӯро садо карданд.

Баъди фурсате каллаи Шарифхон аз паси девор боло шуд. Ӯ бо табассум пурсид:

-Чӣ меген?

[3] Мирзо Шукур – нависанда, ҳамон вақт дар Афғонистон ифои вазифа менамуд.

Онҳо хандиданду чизе нагуфтанд. Гумон доштанд, ки ҳоло ӯ аз дарвоза омада сагро мегираду онҳоро даъват мекунад. Вале аз Шарифхон дараке набуд. Баъди тақрибан 20-25 дақиқаи дигар онҳо боз ӯро аз паси девор чеғ заданд.

Шарифхон боз бо ҳамон табассуми ҳалим сар аз паси девор боло карда гуфт:

-Пештар пурсидам, ки чӣ меген, нагуфтен. Хайр, ҳолӣ чӣ меген?

**Туҳфаи Темур Зулфиқоров**

Муҳтарам дар Хонаи эҷодиёти адибони Переделкино дар шаҳри Москва иқомат дошт. Темур Зулфиқоров низ он ҷо буд. Боре ба кадом муносибате Темур ба ӯ куртае туҳфа намуд.

-Ман ин куртаро ҳамчун туҳфаи қиматбаҳо нигоҳ медорам ва ба фарзандону наберагонам низ мегӯям, ки онро тамоми умр нигоҳдорӣ намоянд, -гуфт Муҳтарам.

-Чунин расм аст, ки туҳфаро бояд ба бар карда, ба туҳфадиҳанда нишон диҳанд, -гуфт Темур.

Муҳтарам баъди чанд лаҳза куртаро пӯшида пеши Темур омад.

-Муборак шавад, зебидааст, -гуфт Темур.

**Хайёмхонӣ дар Литва**

Муҳтарам Ҳотам, ки ашъори шоири литвонӣ Балтакисро ба тоҷикӣ тарҷума карда буд, ба Конфронси байналмилалии адибон ва тарҷумонҳои адабиёти Литва, ки дар шаҳри Вилнюс баргузор гардид, даъват шуд. Дар Конфронс аз бисёр кишварҳои дунё меҳмонон иштирок доштанд. Боре дар сари мизи хӯрок хонуми хориҷие ба воситаи тарҷумон тоҷик будани Муҳтарамро фаҳмида, бо хурсандӣ гуфт, ки солҳост, ки ӯ мехоҳад рубоиёти Хайёмро ба забони асл шунавад, вале ин орзуяш ҳеҷ муяссар нашудааст.

Ин хонум шоираи литвонитабор аз Австралия буда, Лидия Шимкуте ном доштааст. Тибқи нақлҳои ӯ дар Австралия тарабхонаи Умари Хайём мавҷуд будааст ва ӯ ҳар замон ба ин тарабхона дар орзӯи шунидани рубоиёти Хайём ба забони асл мерафтааст.

-Танҳо як бор дар он тарабхона бо арабе вохӯрдам, ки чанд рубоии Хайёмро ба забони арабӣ медонист, -гуфт Лидия Шимкуте.

Бо хоҳиши ӯ Муҳтарам якчанд рубоии Хайёмро хонд. Ин рубоиҳо ба Лидия хеле хуш омаданд ва дар танаффусҳои байни ҷаласаҳои Конфронс, дар сари мизи хӯрок, дар автобус ҳангоми сайёҳат хоҳиш мекард, ки ӯ барояш рубоӣ хонад.

Муҳтарам гуфт, ҳама он рубоиҳое, ки аз Хайём медонист, барояш хонд. Аммо Лидия хоҳиш мекард, ки онҳоро такроран бихонад ва ҳарчанд маънояшонро намефаҳмид, шефтагии худро пинҳон карда наметавонист.

**Хурсандии Муҳаммад Расул**

Муҳтарам дар хонаи адибони Переделкино бо нависандаи машҳури Доғистон Муҳаммад Расул бо ҳам ошноӣ пайдо карданд. Боре Муҳаммад Расул гуфт:

-Писарбачаҳои 6-7-солаи тоҷик дар Доғистон ҳар рӯз се-чор ҳазор рубл кор мекунанд.

-Чӣ хел кор мекунанд? –ҳайрон шуда пурсид Муҳтарам.

-Гадоӣ мекунанд, -гуфт Муҳаммад Расул.

Муҳтарам зуд дарк кард, ки инҳо писарбачаҳои ҷӯгиянд.

-Чеҳраҳошон сиёҳча, хира, то пул надиҳӣ, халос намешавӣ…

-Бале, бале, айнан ҳамин хел, -сухани Муҳтарамро бурид Муҳаммад Расул.

-Онҳо тоҷик нестанд, -гуфт Муҳтарам, -ҷӯгиянд. Тоҷикон низ мисли ҳама халқҳои қадиму бузург яҳудӣ ва ҷугиҳои худро доранд.

-Хурсандам кардӣ, бародар, -гуфт Муҳаммад Расул. -Хиҷолат будам, ки чи тавр намояндаҳои халқе бо ин фарҳанги қадиму маънавиёт ба гадоӣ машғул мешаванд…

**Диёри арҷманд**

Солҳои нооромии кишвар, дар Душанбе, хусусан бегоҳ, нақлиёт намегашт, кӯчаҳо аксаран торик буданд. Як бегоҳӣ Меҳмон Бахтӣ, Гулназар ва Муҳтарам аз тарабхонаи «Тоҷикистон» аз тӯй баромада, суҳбаткунон сӯи бинои Иттифоқи нависандагон меомаданд. Ҳаво торик шуда буд. Дар назди Фурӯшгоҳи марказӣ ду милитсионер аз онҳо ҳуҷҷат талаб карданд. Онҳо бо худ ҳуҷҷат надоштанд, аз ин рӯ милитсионерҳо хостанд онҳоро ба шуъбаи милитсия баранд. Муҳтарам ба онҳо гуфт:

-Маро-ку намешиносед, майлаш. Наход ки ҳамин устодонро ҳам нашиносед?

Яке аз милитсионерҳо чароғакашро ба рӯи Меҳмон Бахтӣ ва Гулназар гардонида, ба Гулназар ишора карда, гуфт:

-О, ин кас диёри арҷманди мо-ку!

-Бале, гуфт Муҳтарам, -ин кас муаллифи Диёри арҷманди мо, вале шумо ӯро хор карда истодаед.

Милитсионерҳо мошинеро дошта, онҳоро гусел намуданд.

**Корбезор**

Муҳтарамро рафиқон ҳамеша дар кор пайдо мекарданд: рӯзҳои кориву истироҳат, соатҳои баъди кор, ҳамеша…

Ҳотами Равшан гуфт:

-Ин ки ту аз кор безор намешавӣ, маълум аст. Аммо ҳамин кор аз ту безор намешуда бошад?..

**Узр**

Боре тақрибан соати 7 бегоҳ Ҳотами Равшан ба Муҳтарам Ҳотам занг зада, баъди салому алейк пурсид:

-Устод, Шумо дар куҷо? -Ва фавран илова кард: -Э узр, саволи ноҷо додам. Охир Шумо ҳамеша дар кор-ку!

**Телефони корӣ**

Соати тақрибан 11 шаб Назри Яздонӣ бо занги телефонаш Ҳотами Равшанро аз хоб бедор карда мепурсад:

-Телефони кории Муҳтарамро намедонӣ? Бо телефони мобилиаш занг мезанам, ҷавоб намедиҳад.

-О, соат 11 шуд, -бо дили нохоҳам ва хоболуд мегӯяд Ҳотами Равшан, -лекин аҷаб не, дар кор бошад. Хайр, агар телефонашро ёфтам, занг мезанам.

Хоби Ҳотами Равшан парида буд. Чанд соат хобаш набурд. Тақрибан соати дуи шаб ба Назри Яздонӣ занг зада гуфт:

-Устод, ёфтам телефонашро, нависед.

-О, соат дуи шаб шуд… -хоболуд ва бо дили нохоҳам гуфт Назри Яздонӣ.

-Ба ҳар ҳол як занг занед, гуфта намешавад. Он кас ҳамеша дар кор-ку!

**Йигитҳои асил**

Дар Иссиққӯли Ҷумҳурии Қирғизистон бо ташаббуси Кумитаи табъу нашри Русия соли 1990 Ҳамоиши адибони ҷавони Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор гардид. Ин ҳамоиш дар пайи вохӯрии адибони машҳури Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бо ташаббуси Чингиз Айтматов баргузор гардида «Вохӯрии Исиққӯл» ном дошт, доир шуд. Аз ин лиҳоз ҳамоиши адибони ҷавонро «Вохӯрии кӯчаки Иссиққӯл» ном ниҳоданд.

Раиси Кумитаи табъу нашри Қирғизистон дар ҷаласаи аввал дар Иссиққӯл гуфт, ҳамин шабу рӯз дар кӯл оббозӣ кардан мумкин нест, зеро реги таги кӯл фурӯ рафта, касро ба коми худ мекашад.

Муҳтарам Ҳотам ва ҳамроҳаш Абдулвосеъ Сангинов бо ҳамдигар гуфтанд, ки чӣ хел ба Иссиққӯл омадаву оббозӣ накарда, пас меравӣ. Онҳо бегоҳӣ, ҳамин ки ҳаво торик шуд, рафта ба кӯл оббозӣ мекарданд. Рӯзи охир дар ҷаласаи ҷамъбастӣ Раиси Кумитаи табъу нашри Қирғизистон ба иштирокдорони ҳамоиш муроҷиат карда гуфт:

-Росташро гӯед, кӣ дар оби кӯл оббозӣ кард? Ман худам медонаму мехоҳам, ки худатон иқрор шавед.

Ҳарду тоҷик хиҷолатмандона даст бардоштанд, ки мо.

-Офарин! Йигитҳои асил шумо будаед. Ман барои он оббозӣ накунед гуфтам, ки ҳоло моҳи октябр, ҳаво сард, оббозӣ карда мабодо шамол хӯред.

**Куҷо рафти-мӣ, тоҷик?**

Ҳангоми аз Иссиққӯл ба Бишкек бо автобус баргаштани иштирокдорони ҳамоиш Раиси Кумитаи табъу нашри Қирғизистон барои масруф доштани хотири меҳмонон озмуни суруд эълон кард. Русҳо қазоқҳо, қирғизҳо, гурҷиҳо, арманиҳо ва… бояд навбати тоҷикон мерасид. Муҳтарам Ҳотам ва Абдулвосеъ Сангинов, ки дар автобус паҳлуи ҳам менишастанд, чашмҳоро пӯшида, гӯё ки дар хоб бошанд, ҳар яке ба дигар пичиррос зада мегуфт, ки ту суруд хон.

-Ҳоло навбати тоҷикон, -эълон кард Раис, вале тоҷикон хомӯш буданд. Чанд лаҳза гузашту Раис ба забони шикастаи тоҷикӣ пурсид:

-Куҷо рафти-мӣ, тоҷик?

Аз ин суханони Раис ҳар ду тоҷик завқ карда хандиданду ноилоҷ суруди «Бути тоҷики ман»-ро хонданд. Дар ҷамъбасти озмун ҷои аввал насиби онҳо шуд.

Баъд Раиси Кумитаи табъу нашр нақл кард, ки дар кӯдакиаш ятим монда, дар Ош дар хонаи тоҷике калон шудааст ва забони тоҷикиро дар ҳамон ҷо каме ёд гирифта будааст.

**Дӯсти Сатимбек**

Муҳтарам боре бо се нафар ҳамроҳ аз Москва бо мошин ба Душанбе бармегашт. Дар ҳудуди Қазоқистон, дар ҷӯле, ки на сару нӯгаш метобиду на ҷонзоде,

панҷ-шаш ҷавони авбошнамо сангҳо дар даст пеши роҳи мошинро гирифта, пул талаб карданд. Муҳтарам ба онҳо гуфт:

-Шумо чӣ, бачаҳо, намедонед? Ман дӯсти Сатимбек ҳастам ва ҳоло вай маро интизор аст.

Дар мулоқоти Иссиққӯл ӯ бо Сатимбек ном нависандаи қазоқ шинос шуда буд ва ҳоло тасодуфан номи ӯро ба хотир овард.

Бачаҳо зуд аз роҳ барканор шуданд.

**Мусобиқа**

Ҳангоми дар Донишгоҳи омӯзгорӣ таҳсил кардан Муҳтарам дар маҳфили адабӣ иштирок мекард, ки сарвари он устоди шодравон Тилло Пӯлодӣ буд. Устод аз фанни адабиёт дарс мегуфт. Дар яке аз дарсҳои нахустинаш китоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавиро аз як сар ба донишҷӯёни соли аввал ба навбат дода мефармуд, ки чандбайтӣ хонанд. Баъди хондани ду-се байт мегуфт, ки кифоя, китобро ба рафиқат бидеҳ. Ӯ ба Муҳтарам имконият дод, ки зиёдтар байт хонад ва табассум карда, ба шарикдарсони ӯ гуфт: «Бо ин писар мусобиқа кунед».

**Ҷӯрагӣ**

Академик Аҳрор Мухторов ба ҷустуҷӯи санадҳои таърихӣ ба деҳаи Аскалон омада, аз падари Муҳтарам - Ҳотам Идиев хоҳиш кард, ки ҷиҳати пайдо кардани чунин санадҳо ба ӯ ёрӣ диҳад.

-Ба як шарт, -гуфтпадари Муҳтарам.

-Чӣ хел шарт? –пурсид академик.

-Шарт ҳамин, ки ҳардуямон ҷӯра мешавем.

Онҳо ба ҳам даст доданд.

**Шиму костюм**

Муҳтарам баъди хатми донишгоҳ чанд моҳ муаллимӣ кард. Баъд дар нашриёти «Ирфон» ҳамчун муҳаррири хурд ба кор даромад. Маошаш шаст сӯм буд. Сӣ сӯм ҳар моҳ иҷорапулӣ медод. Аммо ба падараш мегуфт, ки 150 сӯм маош мегирад. Боре падараш ба шаҳр омаду бояд аз вокзал ба поезди наздишаҳрӣ шишта ба Пахтаобод мерафт. Вай чанд бор хост аз падараш пул пурсад, аммо баҳона намеёфт. То ҳаракати поезд чанд дақиқаи дигар монда буд. Падараш мегуфт, ки вай аз кор намонад, худаш ба поезд савор шуда меравад. Хайрухуш карду дар пеши бинои вокзал таваққуф кард: ё ҳозир пул мепурсад, ё чанд рӯзи дигар гурусна мемонад. Баъди якчанд дақиқа дубора вориди бинои вокзал шуду гуфт:

-Дар мағозаи назди вокзал шиму костюми хуб дидам, даҳ сӯмам намерасад…

**Муаллимони география**

Муҳтарам баъди хатми Донишгоҳ ба яке аз ноҳияҳои аз марказ на чандон дур дар мактаби миёна муаллими забону адабиёти тоҷик таъин шуд. Вай ба синфи ҳафтум ворид шуда, ҳайрон шуд: ғалоғула, давуғеҷ, доду фарёд…

Вақти танаффус озурдаву малул ба хонаи муаллимон омад. Муаллимон ҳама як-як вориди утоқ гардида, чӯбҳоеро, ки мисли чӯбҳои хаританишондиҳӣ буданд, дар як гӯшаи утоқ мегузоштанд. «Наход ҳамаи инҳо муаллими география бошанд? Охир ҳамаашон чӯбдаст доранд».

Занг шуда муаллимон чӯбдастҳояшонро гирифта, дарс рафтанд. Ӯ андешаманд, дигар хоҳиши ба синф даромадан надошт, вале чашмаш ба чӯбдасте афтид, ки зиёдатӣ монда буд. Шояд ин чӯбдасти муаллиме буд, ки имрӯз бо кадом сабабе ба дарс наомадаст. Вай чӯбдастро гирифту сӯи синфхона рафт. Ҳамин ки вориди синф шуд, ҳама талабагон аз ғалоғулаву доду фарёд монда, аз ҷойҳо хеста, мунтазири амри муаллим шуданд.

**Хоббинӣ**

Муҳтарам ҳангоми довталаб будан дар хонаи устод Абдулғанӣ Эшонҷонов - муаллими Донишгоҳи омӯзгорӣ, ки бо падараш ошноӣ дошт, иқомат карда, ба имтиҳонҳо тайёрӣ медид. Имтиҳони аввал иншо буд. Устод Эшонҷонов ду ҳафта пеш аз имтиҳонҳо ба куҷое ба истироҳат рафта буд. Шаби пеш аз имтиҳон Муҳтарам хоб дид, ки иншо дар бораи фаъолияти маорифпарварӣ дар эҷодиёти Аҳмади Дониш аст.

Пагоҳӣ, дар сари дастурхон, ки янга ва ду меҳмони дигар ҳузур доштанд, ӯ хоби дидаашро нақл кард.

-Бисёр фикр кардӣ, писарам, -гуфт янга, -барои ҳамин хоб дидӣ.

Ба ҳар ҳол мавзуи хобдидаашро як-ду бори дигар такрор кард.

Вақте дар толори имтиҳон менишастанд, муаллим дар тахта бо бур мавзӯи якумро навишт: «Аҳмади Дониш - маорифпарвар».

Баъд муддатҳо янга, ба ҳар ки иттифоқ меафтид, мегуфт: «Ин кас пеш аз имтиҳон мавзуи иншоро хоб дида метавонанд…»

**Олучадузд**

Муҳтарам ба хонаи падарии Назрулло омада, ӯро пайдо накард. Дар он ҷо як ҷавони ҳамсинну солаш нишаста буд. Вай гуфт, ки Назрулло дар лаби канали поёни деҳа оббозӣ дорад, биё, ба наздаш меравем. Аз канори деҳа гузаштаравон диданд, ки дар боғе олучаҳо пухтаанд. Ин ҷавони ёвонӣ, ки номаш Шарифхон буда, баъдҳо бо ӯ дӯст шуданд, гуфт:

-Ту нигоҳ кун, ман ба боғ даромада, олуча мечинам, ҳардуямон мехӯрем.

Ӯ бо киссаҳои пури олуча аз боғ баромада гуфт:

-Агар хоҳӣ, ту ҳам даромада олуча чин, ман барои худам чиндам.

Муҳтарам бо тааҷҷуб ба ӯ менигарист: охир шарт ин хел набуд-ку?! Вақте Муҳтарам ба дарахте боло шудаву хост ба олучачинӣ шурӯъ кунад, овози Шарифхон баланд шуд:

-Ҳой боғбон, куҷоӣ, ба боғат дузд даромад!

**Ганҷи бодовард**

Солҳои донишҷӯӣ ҳар гоҳ, ки пули Муҳтарам тамом мешуд, ба бозори Баракат ё фурудгоҳ мерафт. Ягон ҳамдеҳаашонро дида, аз ӯ як миқдор пул қарз мегирифт ва падараш дар деҳа он қарзро бармегардонд.

Рӯзе ба фурудгоҳ рафт. Шиносеро пайдо накард. Ҳайрон ин сӯву он он сӯ мегашт. Дар саҳни бинои фурудгоҳ панҷсӯмаеро дид, ки рӯи роҳ афтида буд. Роҳгузарҳо ҳар замон аз болои он мегузаштанд. Пул хоколуд шуда буд, аз ин рӯ ба чашмҳо чандон наменамуд. Панҷ сӯм он вақт метавонист як ҳафта хӯроки донишҷӯ шавад. Вай аз болои пул ин сӯ он сӯ гузашта, ҷуръат намекард, ки хам шуда, онро гирад. 10-15 қадам дуртар болои курсие нишасту мунтазири вазъи мусоид шуд. Ҳамин вақт шамолаке хесту баргҳову коғазпораҳои рӯи роҳро бардошта, ҳар сӯ парешон кард. Вай дид, ки панҷсӯмаи дар интизор нишастаашро шамол оварда, дар пеши пояш гузоштааст. Бо баҳонаи дуруст кардани банди туфлиаш хам шуду пулро гирифт.

Ин пул воқеан барояш ганҷи бодовард буд.

**Пуле, ки тамом намешавад**

Муҳтарам ҳангоми донишҷӯӣ бо ҳамсабақу ҳамдеҳааш Мирзораҳим, бепул монда, маслиҳат карданд, ки ба бозори «Баракат» мераванд. Шояд ягон ҳамдеҳаашонро бубинанду як миқдор сӯм қарз бигиранд. Дар наздикии бозор Икромов Абдураҳмони муаллим, рафиқи падари Муҳтарам аз пешашон баромад. Баъди ҳолу аҳволпурсӣ гуфт:

-Боре ҳангоми донишҷӯиям бепул монда, ба бозор рафтам, ки ягон шинос ё ҳамдеҳаамро бубинаму аз ӯ пул пурсам. Дар бозор як ҳамдеҳаамро дидам, вале ҳеҷ рӯям нашуд, ки муддаоямро гӯям. Ӯ худаш 5 сӯм бароварда ба ман дод. Ҳарчанд гуфтам, лозим нест, ба киссаам тиқонд. Он пул дар як-ду рӯз тамом шуд, вале дар хаёлам то имрӯз низ боқист.

Ва ӯ ба ҳар ду донишҷӯ 10-сумӣ дод.

**Дар Токио**

Муҳтарам дар ҷамъи як ҳайат бо Салимзода Шерхони Одина ба Япония сафар доштанд. Ҳангоми кор ва сайёҳат Шерхони Одина аъзои ҳайат ва ҷойҳои диданиро ба навор мегирифт. Ва баъзан хоҳиш мекард, ки Муҳтарам ӯро низ ба навор гирад. Боре аз тамошои Токио баргашта, дар ҳуҷраи худ дам мегирифт, ки тақрибан баъди ним соат Шерхон Одина занг зада пурсид, ки мабодо камера дар дасти ӯ нест?

-Не, -гуфт ӯ дар ҷавоб, -вақте аз автобус фаромадем, ман камераро ба Шумо додам.

Баъди 5-6 дақиқа Салимзода дубора занг зада гуфт:

-Ёфтам, –ва идома дод: -Ҳангоми тугмаи лифтро зер кардан онро ба фарш гузошта будаам. Равам, ки ҳоло низ дар ҳамон ҷояш истодааст, -бо тааҷҷуб нақл мекард Шерхони Одина.

**Микробҳои якрӯй**

Мухтарам бо олими микробиолог Орзуев Маъдӣ ошно буд. Боре Орзуев дар бораи ҳаёти микробҳо нақл карда, аз ҷумла гуфт:

-Дар ҳаёти инсон ва набототу ҳайвонот микробҳо нақши муҳим доранд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: бад ва нек. Микробҳои бад дар организм ҳамеша дар пайи бадӣ мебошанд. Онҳо сабабгори ҳар гуна бемориҳо мегарданд. Микробҳои нек бошанд, ба муқобили микробҳои бад ҳамеша мубориза бурда, кӯшиш мекунанд, ки онҳоро аз байн баранд. Хулоса, микробҳо аз бисёр ҷиҳат ба инсонҳо монанданд.

-Оё дар байни микробҳо низ дурӯягӣ, хиёнат, туҳмат ва ғайра вуҷуд дорад? – нимшӯхӣ пурсид Муҳтарам.

-Не, ягона чизе ки аз одамон тафовут дорад, ин аст, ки онҳо дар иҷрои вазифаи худ якрӯй ҳастанд, -посух дод Орзуев.

**Соядаст**

Муҳаррири китоби Ҷумъа Одина «Гузашти айём» Муҳтарам буд. Муаллиф китобашро ба Муҳтарам тақдим карда, чунин соядаст навишт: «Ба додарам Муҳтарам, ба тариқи қарз».

-Муаллим, чӣ хел қарз? –пурсид ӯ.

-Қарз – яъне ҳамин ки китобат чоп шуд, ту ҳам онро ба ман туҳфа мекунӣ.

**Зан ва хона**

Муҳтарам баъди хатми Донишгоҳ ёздаҳ сол иҷорашин буд.Ҷумъа Одина ҳар замон мегуфт:

-Барои ту барин йигит ёфтани зан мушкилот надорад, пайдо кардани хона мушкил аст.

**Ҷашн дар Кӯлоб**

Муҳтарам дар ҷашни 2700-солагии Кӯлоб иштирок дошт. Дар яке аз ҷойҳои намоёни шаҳр як рубоии худро дар шакли шиор дид, ки онро чанд муддат пеш аз ҷашн навишта, дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» чоп карда буд:

*Дар ҷашн ба Кӯлоб зи мо бод салом,*
*Бар хурду бузургаш ҳамагӣ ном ба ном.*
*Ҷашни ду ҳазору ҳафтсадсолагиаш*
*Табрик ба ҷумла мардуми некмақом.*

**Набераи Рустам ва Эрони бостон**

Соли 2006 дар чорабинии ҷашни 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Кохи Борбад таҷлил мегардид, дар паҳлуи Муҳтарам як хориҷии паҳлавонсурат менишаст. Ӯ дар курсӣ нороҳат ҷой гирифта буд ва дар интизори саршавии чорабинӣ зонуҳояшро ин сӯву он сӯ мекашид. Аз ин аҳвол шояд дар хиҷолат шуд, ки бо оҳанги узромез ба Муҳтарам гуфт:

-Агар медонистанд, ки набераи Рустам ба ҷашн меояд, курсиҳоро ба роҳат дуруст мекарданд.

Ӯ бо лаҳҷаи эрониён ҳарф мезад ва дар ин миён чашми Муҳтарам ба лифофаи даъватномааш расид, ки бо ҳуруфи форсӣ навиштаи «Фаридуни Ҷунайдӣ» дошт. Китобашро бо номи «Зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёиҳо» хонда буд ва чун аз ин китоб чанд чизро бозгӯ кард, меҳмон хеле хушҳол шуд.

Баъди суханронии Сарвари давлат консерт шурӯъ гардид. Аз ин консерт устод Фаридун Ҷунайдӣ хеле мутаассир шуда, ашк мерехт. Рӯймолчааш тар шуд. Муҳтарам пурсид: -Устод, чаро ашк мерезед?

-Фикр мекунам дар Ирони бостон бошам.

-Ирони бостон ин ҷо буд, -гуфт Муҳтарам.

-Оре, мидунам, -тасдиқ кард Ҷунайдӣ.

-Пас чаро дар китобатон онро дар Ирони кунунӣ гуфтаед? –пурсид Муҳтарам.

Устод Фаридун Ҷунайдӣ каме тааммул кард ва гуфт:

-Вақте китобро менавиштам, назарам дигар буд.

**Ба ҷои дастгирӣ**

Идораи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» китоби мақолаҳои Муҳтарам «Ориётоҷикон: 18 000 сол пеш…»-ро ба ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ пешниҳод кард. Рӯзе ӯро Муъмин Қаноат, Меҳмон Бахтӣ ва Абдулҳамид Самадов ӯро ба утоқи кории Меҳмон Бахтӣ, ки он вақт Раиси Иттифоқи нависандагон буд, даъват карда, пешниҳод карданд, ки номзадиашро барои дарёфти ҷоиза гирад. Яъне, навбати дигар, онро худамон пешниҳоду дастгирӣ мекунем.

-Ман ба ёриву дастгирии шумо умед доштам, ҳоло ки шумо муқобил бошед, яқин ман намегузарам. Вале номзадиамро бо хоҳиши худам пас нахоҳам гирифт, -гуфт Муҳтарам.

**Ва агар…**

Боз баъди чанд муддат Меҳмон Бахтӣ ӯро ба утоқи кориаш даъват карда гуфт:

-Китоби Шумо «Сурӯши сухан» ба ҷоизаи ба номи устод Рӯдакӣ меарзад. Мехоҳем онро ба ин ҷоиза пешниҳод кунем.

-Дер шуд, муҳлати пешниҳод намудани китобҳо то панҷ сол аст, -гуфт ӯ.

-Ҳозир аниқ мекунем, -гуфт ӯ ва занг зада, масъули кумитаи мукофотҳо Раҳмат Назриро ба назди худ даъват кард.

-Дер шуд, -гуфт ӯ низ дар ҷавоб. –Лекин ин дершавиро ҷуброн кардан мумкин. Ба унвони Шоири халқӣ пешниҳод кунед. Меарзад. Агар мо даҳ шоири хуб дошта бошем, яктояш Муҳтарам аст. Агар ҳафт шоири хуб дошта бошем, боз ҳам яктояш ӯст…

-Фаҳмо, фаҳмо, -сухани Раҳматро бурид Меҳмон Бахтӣ ба гумони он ки ҳозир ӯ шумораро боз ҳам камтар хоҳад кард.

**Илҳоми Темур Зулфиқоров**

Муҳтарам боре барои аёдати тағояш ба Ёвон рафтанӣ шуд. Темур Зулфиқоров низ, ки ба Душанбе омада буд, барои тамошо бо ӯ ҳоҳиши рафтан кард. Бегоҳӣ баъди аз хонаи тағои Меъроҷ баргаштан, дар ағбаи Султонобод Темур хоҳиш кард, ки Муҳтарам мошинро боздорад, то ӯ манзараҳоро каме тамошо кунад. Темур сар-

сари теппаҳо тамошокунон аз назар нопадид шуд. Ҳаво торик мешуд, вале аз Темур дарак набуд. Муҳтарам ба суроғаш равон шуд. Баъди муддате дид, ки ӯ болои теппае нишаста, оринҷаш болои зону, бо даст сарашро такя дода нишастааст. Хеле мунтазир нишааст, вале Темур ором нишаста буд. Оқибат ӯро садо кард.

-Худам ҳам ҳоло омаданӣ будам. Илҳомам омад. Бубин гове дар уфуқи он теппа чи хел аҷиб менамояд. Ман дар васфи он шеъре навиштам.

**Аз Сталинобод**

Муҳтарам ба Гурҷистон дамгирӣ рафт. Дар шаҳраки Абастумани ҳамроҳи рафиқонаш дар қаҳвахонае нишаста, истироҳат мекард. Дар мизи паҳлуяшон чор нафар гурҷии паҳлавонсурат бо суҳбат ва хандаҳои баландашон истироҳати онҳоро нороҳат мекарданд.

-Ҳозир ман ба онҳо як сухан мегӯям, ҳамаашон аз ҷой мехезанд, -гуфт Муҳтарам.

-Э, биё мон шоириатро, афти онҳоро бин, -гуфт яке аз рафиқон.

Аммо рафиқи дигар мегуфт, ку бирав бинем, чи кор мекунӣ.

Муҳтарам сотгини майи гурҷӣ дар даст назди онҳо рафта, бо забони русӣ гуфт, ки мехоҳад як калима гап занад.

-Бирав, сотгинатро дар мизат мону баъд биё, -гуфт яке аз онҳо.

Вақте вай сотгинашро гузошта пас омад, гурҷиҳо бокали майро ба дасти вай дода гуфтанд:

-Акнун бигӯ, чӣ мехоҳӣ?

-Мо аз шаҳре ҳастем, ки Сталинобод ном дошт, -гуфт Муҳтарам ва мехост суханашро идома диҳад, аммо гурҷиҳо «Оҳо!», -гӯён аз ҷояшон хеста, мизи рафиқони Муҳтарамро ба мизи худашон наздик кашиданд ва то дер вақт онҳоро бо май ва кабоби гурҷӣ зиёфат доданд.

-Ту ба онҳо чӣ гуфтӣ, ки моро ин қадар зиёфат доданд? -мепурсиданд ҳар замон рафиқонаш.

Вале Муҳтарам то ҳол ин сирро ба онҳо нагуфтааст.

**Ваннаи Сталин**

Дар Абастумани ҳаммоми оби гарми табиӣ вуҷуд дорад. Муҳтарам ба ҳуҷрае даромад, ки ваннааш аз санги мармари сафед сохта шуда буд. Вай баъди аз ванна баромадан дар курсии пеши дар барои хушк шудан нишаст.

-Ба ваннаи рафиқ Сталин даромадед? –пурсид мӯйсафеде, ки дар пахлуяш менишаст.

-Нафаҳмидам, -гуфт Муҳтарам ба рӯи ӯ саволомез нигариста.

Мӯйсафед бо даст ба навиштаҷоти болои дари ҳуҷра кард. Дар он ҷо дар лавҳае навишта шуда буд: «Дар ин ҳуҷра рафиқ Сталин ванна гирифта буд».

**Айби Исмоилов Шамсулло**

Муҳтарам ба писараш Беҳрӯз, ки донишҷӯи Донишгоҳи омӯзгорӣ буд, гуфт, ки ба кафедраи забони тоҷикӣ даромада, аз муаллим Исмоилов китоберо гирифта биёрад. Таъкид кард, ки фаромӯш накун: Ис-мо-и-лов.

Се рӯз гузашт, вале Беҳрӯз китобро наовард. Муҳтарам ӯро сарзаниш кард.

-Аво, Шумо маро беҳуда бисёр сарзаниш мекунед. Кам-кам айби ҳамон Ис-мо-и-лов ҳам ҳаст. Се рӯз шуд, ки меравам, дар кафедрааш нест.

**Меҳмонӣ**

Искандари Хатлонӣ, ки дар Москва зиндагӣ мекард, ба Душанбе омад. Муҳтарам ӯро меҳмондорӣ кард. Баъд Муҳтарам ба Москва рафт. Дар қаҳвахонаҳо Муҳтарам пешдастӣ кардаву ҳисобӣ мекард.

-Ин чӣ хел мешавад? -пурсид Искандар. -Дар Душанбе ҳам ту меҳмондорӣ кардӣ, дар ин ҷо ҳам…

-Ин қоида аст, -гуфт Муҳтарам, -ман ҳар вақте ба ноҳия равам, рафиқони дар ноҳия будаам маро меҳмондорӣ мекунанд. Ва агар онҳо ба Душанбе оянд, боз ҳам онҳо меҳмондорӣ мекунанд.

**Дар тӯй**

Дар як тӯй Муҳтарам ва Назрулло бо завҷаҳояшон иштирок доштанд. Муҳтарам сари миз нишаста, базмро тамошо мекард. Ин вақт Назрулло пеши ӯ омаду гуфт:

-Хез, рафтем, дутоашро ёфтам, зӯр, ҳамроҳашон мерақсему яктоашро ту мебарӣ, яктоашро ман.

-Розӣ мешаванд? -пурсид Муҳтарам.

-Албатта, рафтем, -ва ӯ Муҳтарамро аз байни анбуҳи базм ба ҷое овард, ки ҳамсари худаш ва ҳамсари Муҳтарам бо дигар занҳо мерақсиданд.

**Айби алфавит**

Максим ба Муҳтарам гуфт:

-Устод, дар китобҳои дастаҷамъии шоирон номатро мекобам, ё аз ҳама охир ҳастӣ, ё ки тамоман нестӣ.

-Он ки номам аз ҳама охир аст, айби алфавит аст, зеро насаби ман бо ҳарфи «Ҳ» сар мешавад, ки дар алфавит аз ҳама охир аст. Он ки номам тамоман нест, айби ман не, айби тартибдиҳандаи китоб аст, -гуфт Муҳтарам.

**Хоб**

Муҳтарам сигоркаширо партофт. Аммо шабҳо хоб медид, ки сигор мекашад. Боре хоб дид, ки сигор кашид, аммо хумораш нашикаст ва ба худ гуфт: «Биё, яктои дигар кашам, ҳозир бедор мешаваму дигар сигор кашидан мумкин нест…»

**Ваҳдат**

Ҳамкори Муҳтарам аз Маҷлиси накмояндагон Роҳбар аз осоишгоҳи «Зумрад», ки барои дамгирӣ рафта буд, баъди аҳволпурсӣ байти аввали шеъри ӯро бо номи «Ваҳдат» хонд:

*Ҳамдилӣ, ҳамбастагиву ҳамсадоӣ ваҳдат аст,*
*Меҳрубонӣ, ғамгусорӣ, ошноӣ ваҳдат аст.*

-Давомаш чӣ? –пурсид ӯ.

-Танҳо ҳамин ду мисраъ, -ҷавоб дод Роҳбар.

-Нафаҳмидам, -гуфт Муҳтарам.

-Ҳамин байт дар осоишгоҳи «Зумрад» ҳамчун шиор овезон шуда, дар поёнаш номатон навишта шудааст.

-Ҳа, -гуфт Муҳтарам, -гумон кардам, шеъри маро аз ёд кардӣ.

-Гашта биёям, китобатонро гирифта, ҳатман азёд мекунам, -гуфт Роҳбар.

**Тухфа ба ҷашн**

Дар арафаи ҷашни 3-ҳазорсолагии Ҳисор соҳибкори ҳисорӣ Фатҳулло Раҳмонов гуфт:

-Устод, мехоҳам ба ин ҷашн дастовезе дошта бошам. Шумо бахшида ба Ҳисор шеъру мақола ва рисолаҳо навиштаед. Агар дар бораи Ҳисор китобе дошта бошед, нашри онро ба ухда мегирам.

Муҳтарам тақрибан ду сол пеш китоберо бо номи «Ҳисор дар бомдоди таърих» бо сарпарастии раиси ҳамонвақтаи Ҳисор Баҳриддин Солеҳов ба нашр расонда буд.

Бинобар ин дар ҷавоб гуфт:

-Китоби дигаре дорам бо номи «Ҳинди гумшуда», на танҳо таърихи Ҳисор, балки таърихи хеле дури тоҷикону Тоҷикистон аст ва дерест, ки онро нашр карда наметавонам.

Фатҳулло бо ҳимматбаландӣ китобро нашр кард. Муҳтарам баъд фаҳмид, ки Фатҳулло аз рӯи ихтисос филолог ва сухандону шеърфаҳм будааст. «Кошки ҳама филологҳо соҳибкор ва ҳама соҳибкорҳо филолог бошанд», -гуфт ба худ.

**Рӯзадор**

Боре Карим Абдулов дар моҳи рамазон аз Хуҷанд ба Душанбе омаду ба Муҳтарам занг зад:

-Домулло, ман омадам, соати 12 баро, якҷоя таоми нисфирӯзӣ хӯрем., мебарояму лекин ман рӯзадор.

-О, ту чӣ гуноҳ дорӣ, ки рӯза мегирӣ? -гуфт Абдулов.

**Тоҷик**

Муҳтарам баъди хатми Донишгоҳ, пеш аз оғози соли таҳсил нотоб шуд ва натавонист ба ноҳияе, ки роҳхат дошт, сари вақт ҳозир шавад. Бинобар он ки ҷои ӯ банд шуда буд, худ дар суроғи кор ба чанд ноҳия сафар кард. Дар ноҳияи Куйбышев ба идораи маориф даромадан замон мудири шӯъбаи маориф ба забони русӣ пурсид:

-Что Вы хотите?

Муҳтарам дар рӯбарӯяш як марди чашмонаш кабуд, чеҳрааш ба чеҳраи аврупоиён монандро дида гумон кард, ки ӯ рус аст. Муҳтарам низ дорои ҳамин гуна

чеҳра аст ва мудир низ ӯро рус гумон кардааст. Вақте Муҳтарам муддаояшро гуфт, мудир боз пурсид:

-Какой специальность?

-Учитель таджикского языка и литературы.

Ҳамин вақт мудир асли воқеаро фаҳмида пурсид:

-Шумо тоҷикед?

-Бале, лекин Шумо ба русӣ пурсидед, ман низ гумон кардам, ки рус ҳастед.

**Аз кадом Донишгоҳ?**

Ҳангоми ҷустуҷӯи кор, баъди хатми Донишкадаи омӯзгорӣ ба идораи радио омад. Раиси радио муддаои ӯро фаҳмида пурсид:

-Куҷоро хатм кардаед?

-Донишкадаи омӯзгориро, -посух Муҳтарам.

-Э-ҳа, аз Донишгоҳи миллӣ меоянд, ба кор қабул намекунему ту мегӯӣ, ки аз Донишкадаи омӯзгорӣ…

**Нимаш шуду нимаш не**

Муҳтарам гуфт:

-Боре дар суҳбати устод Боқӣ Раҳимзода будам. Устод бо зарофат изҳор дошт, ки зиндагиям чунон ширин гузашт, ки саропо қанд шудам. Ман ки он вақт чӣ будани бемории қандро намедонистам, орзу кардам, ки кош, ман ҳам мисли устод шавам. Аз ин орзуям нимаш амалӣ шуду нимаш не.

Пурсидам:

-Чӣ хел?

Гуфт:

-Зиндагиям ширин нагузашт, лекин ба бемории қанд гирифтор шудам.

**Баландиҳо**

Ин байт ҳам аз Муҳтарам аст:

*Баландиҳо зи баски буд писандам,*
*Фишорам шуд баланду низ қандам.*

**Пул ва вақт**

Муҳтарам мегӯяд:

-Барои ман ҳеҷ вақт пул ва вақт кофӣ набуд.

*Кифоят набуд он чӣ бар ман ду чиз:*
*Пули лаънатӣ буду вақти азиз.*

**Паровоз ва қатора**

Ҷумъа Одина - мудири шуъбаи адабиёти бадеии нашриёт ба Муҳтарам гуфт:

-Шеърҳоятро дар рӯзнома хондам, нағз. Маҷмӯаи шеърҳоятро тайёр кун, ба нақшаи соли оянда дохил мекунам.

-Ба фикрам, ҳоло тайёр не, муаллим. Шояд баъдтар, -гуфт Муҳтарам.

- Дар маҷмӯаи шеър шарт нест, ки ҳама шеър баланд бошад. Як-ду шеъри нағз мисле, ки паровоз қатораро аз пасаш мекашад, дигар шеърҳоро аз паси худ кашида мебарад, -гуфт Ҷумъа Одина.

**Бовар намекунанд**

Зимистон буд ва Муҳтарам дар истгоҳи Переделкино интизори электричка истода, медид, ки мусофирон донаҳои офтобпарастро дар кафи даст боло мекарданд ва саъбаҳо рӯи дастҳошон нишаста, дон мечиданд.

-Агар дар Душанбе ин ҳолро нақл кунам, ҳеҷ кас бовар намекунад, -гуфт ба худ.

Ва ҳамон рӯз дар яке аз хиёбонҳои шаҳри Маскав дид, ки мардуми бисёре гирд омадаанд ва мурғобиҳои ваҳширо, ки дар миёна нишаста буданд, нону дон медоданд.

Аз як нафар асли воқеа пурсид. Гуфт, ки ҳар сол дар роҳи сафар дар ҳамин майдон чанд муддат нишаста, дам мегиранд, мардум ба онҳо хӯрок медиҳанд. Баъд парвозро идома медиҳанд.

-Инро ҳам агар дар Душанбе нақл кунам, бовар намекунанд, -гуфт ӯ ба худ.

**Ҷони ширин**

Муҳтарам вақте донишҷӯи соли аввали Донишгоҳи омӯзгорӣ буд, муаллими фанни назарияи адабиёт Юрий Бобоев дар нахустин дарси худ аз шогирдонаш пурсид:

-Кӣ достони «Ҷони ширин»-ро азёд медонад?

Ҳама шогирдон хомӯш буданд.

Муаллим гуфт:

-Барои шумо айб аст. Дар курсҳои дигар аксарияташон медонанд. Ин достонро азёд кунед.

Муҳтарам баъди дарс то бевақтии шаб достони «Ҷони ширин»-ро азёд кард. Рӯзи дигар вақте достонро хонд, Юрий Бобоев бовар намекард, ки ӯ дар ним рӯз достонро азёд карда бошад.

**Рӯ ба Гурез**

Муҳтарам бист сол дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Адиб» кор кард. Баъд директори нашриёти «Ориёно», сармуҳаррири ҳафтавори «Роҳи умед»(«Нақлиёт»), муовини сардабири маҷаллаи «Садои шарқ», ходими ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» буд. 20-уми апрели соли 2000 ба вазифаи мудири Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, 20-уми апрели соли 2015, яъне баъди расо 15 сол аз ин вазифа сабукдӯш шуд.

Тақрибан баъди як моҳи ба вазифаи директори нашриёти «Адиб» таъин шуданам назди ман омад ва гуфт:

-Гурез, акнун рӯ ба ту овардем.

Дар Маҷлиси худ баски гирифтор будем,
Аз Маҷлиси худ рӯ ба Гурез овардем.

**Устодон**

Муҳтарам маҷмӯаи нахустини шеърҳояшро ба устод Боқӣ барои хондану тавсия додан супорид. Устод Боқӣ гуфт, ки чашмонам хатногузар шудаанд, ҳар ҳафта як-ду бор худат омада хон, ман гӯш карда маслиҳат медиҳам.

Аммо ду-се моҳ омада бошад ҳам, устод Боқиро дар утоқи кориаш пайдо накард. Устод нотоб буд ва дигар ба утоқи кориаш наомада, аз олам гузашт.

Баъди тақрибан ним сол ба ҷойи устод Боқӣ устод Лоиқ таъин шуд ва вақте Муҳтарам маҷмуаи шеърҳояшро суроғ намуд, онро пайдо накард. Устод Лоиқ гуфт, ки маҷмӯа дар миёни дастнависҳо пайдо нагардид.

Шеърҳо якнусхагӣ буданд ва ҳамин тариқ бисёр шеърҳои Муҳтарам гум шуданд. Ӯ аз дигар маҷмӯаи шеърҳояшро тайёр карда, ба устод Лоиқ супорид. Баъди тақрибан як сол устод Лоиқ маҷмӯаи шеърҳоро хонда, ба Муҳтарам гуфт, ки хондам ва ба шеърҳо аломат гузоштам. Муҳтарам дид, ки тақрибан дар ними шеърҳои маҷмӯа аломати «паранда» гузошта шудааст.

Устод Лоиқ ба дигар кор гузашт ва ба ҷояш устод Бозор таъин шуд. Устод Бозор маҷмӯаро хонда, ба шеърҳое, ки аломат надоштанд, айнан ҳамон гуна аломати «паранда» гузошт.

Ҳамин тариқ, ҳамаи шеърҳо соҳиби аломат шуданд ва Муҳтарам нахустин маҷмуаи ашъорашро ба пуррагӣ нашр намуд.

**Дачиба?!**

Муҳтарам ҳамчун шоири навқалам, ки он вақт нав ба нашриёти «Ирфон» ба кор омада буд, як даста шеърашро ба Қутбӣ Киром барои хондан дод. Қутбӣ Киром шеърҳоро хонда дар баъзеашон «хуб», дар баъзе «мешуд» ва дар баъзеи дигар «дачиба?!» навишта буд.

Муҳтарам ҳарчанд луғатҳои ҳамонвақтаро кофтаву аз рафиқонаш суроғ намуд, маънои ин калимаро пайдо карда натавонист. Ноилоҷ аз худи Қутбӣ Киром маънои ин калимаро пурсид.

-Да-чӣ-ба? – барои чӣ? - зачем? -гуфт хандида Қутбӣ Киром.

**Ҳамшаҳрӣ**

Муродалӣ Собир баъди мутолиаи китоби Муҳтарам Ҳотам «Сурӯши сухан» ӯро дида гуфт:

-Устод, достони «Сурӯши сухан» дар адабиёти имрӯзаамон яке аз беҳтарин достонҳост. Шеъру рубоиҳоятон низ дар пояи шоирони номиамон. Намедонам, чаро ягон мунаққид дар бораи ин китобатон тақризе нанавиштааст.

-Барои он ки аз ҳамшаҳриҳоям ягон нафар мунаққид нест, -гуфт дар посух ӯ.

**Чойи хунуку нони хушк**

Дар нашриёт Раҷаб Мардон одатан ба утоқҳои корӣ гашта, нонҳои хушкро, ки аз тановули нисфирӯзии муҳаррирон боқӣ мемонд, дар чойи хунук тар карда мехӯрд.

Муҳтарам рӯзе бо кадом сабабе, ба нашриёт дер, тақрибан соати 3 ба кор омад. Ҳамин вақт Ҳайрат ба ҳуҷраи корӣ сар халонду пурсид:

-Амин Раҷаб Мардонро мекобам, намеёбам, ҳимрӯз ба кор ҳомада буд ё не?

-Не имрӯз наомадааст, -фаврӣ ҷавоб дод Муҳтарам.

-Ту худат нав ба кор омадиву аз куҷо медонӣ, ки Раҷаб Мардон ба кор омадааст ё не? –пурсид Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ.

-Барои он ки дар болои мизи чойнӯшӣ ҳам чойи хунук истодаасту ҳам нони хушк, -ҷавоб дод Муҳтарам.

**Ҳазл**

Дар Кобул як гурӯҳ тоҷикон тарҷумон буданд ва ҳар вақте аз Тоҷикистон ҳамсари ягон нафарашон ба Кобул меомад, онҳо бегоҳ дар хонаи ӯ ҷамъ шуда, дар сари суҳбат савғоҳои Ватанро намакчашон мекарданд. Дар ин миён як шӯхии одативу ҳамешагӣ доштанд, ки агар ҳамсари он рафиқашон бори нахуст омада бошад, ҳангоми шинос шудан мегуфтанд, ки о, фалонӣ, даъфаи гузашта янга дигар кас буд-ку?!

Одатан, ҳамсарони тарҷумонҳо дар як ё ду сол як-ду бор ба Кобул, ба назди шавҳарҳошон рафта, баъди панҷ-шаш моҳ боз ба ватан бармегаштанд.

Бисёр мешуд, ки ин шӯхиашон таъсир мегузошт ва тарҷумони бечора боз рӯзи дигар рафиқонро ба хонааш ба зиёфат даъват мекард ва онҳо ба янга мегуфтанд, ки ин шӯхии муқаррарии онҳост.

Боре ҳамсари А. ба Кобул омаду рафиқон ҳамин гуна шӯхӣ карданд:

-О, соли гузашта янга омада буд, дигар кас буд-ку?!

Рафиқон ва А. аз ин ибораи муқаррариашон хандиданду суҳбат то соати 8 бегоҳ идома ёфт.

Соати тақрибан 12 шаб дари Муҳтарам тақ-тақ шуд ва ӯ вақте пурсид, ки кист, маълум шуд А. будааст. Вай дар binoи ҳамсоя зиндагӣ мекард ва сарфи назар аз он ки соати комендантӣ (қуюди шабгардӣ) буд, маҷбур шуда, ба хонаи Муҳтарам омадааст.

-Ако, илтимос, биёед, ба янгаатон фаҳмонед, ки шӯхӣ кардед, охир вай худи пагоҳ гашта рафтанӣ! –бо изтиробу ҳаяҷон мегуфт А.

-Хавотир нашавед, пагоҳ тайёра нест, бегоҳ тибқи қоида зиёфат ташкил мекунед ва мо ҳамаамон ҷамъ шуда, ба янга мегӯем, ки шӯхӣ кардем, -гуфт Муҳтарам.

**Оши бурида**

Дар Кобул Мирзо Шукурзода ба Муҳтарам гуфт:

-Аз ҳамшаҳриҳоямон ягон кас оилааш ҳамроҳаш нест? Оши буридаро ёд кардем. Як оши бурида мехӯрдем.

-Пагоҳ хона биёед, ташкил мекунем, -гуфт Муҳтарам.

Вай рӯзи дигар бори нахуст дар умраш хамир карду зуғола бурид ва оши бурида тайёр кард.

Мирзо Шукурзода як коса оши бурида хурда, боз хоҳиши косаи дуюм кард ва баъди хӯрдани он хеста, ошпазхонаву балкон ва ҷевонҳоро кофтан гирифт:

-Бовар намекунам, ки худат тайёр карда бошӣ. Дар ин ҷо ягон занро пинҳон медорӣ, -гуфт ӯ.

**Палави нағз**

Муҳтарам дар Кобул дар хонааш оши палавро дар деги бухори сохти эронӣ тайёр карда, дам партофту болои диван дароз кашида, хост каме дам гирад. Худ нафаҳмид, ки чӣ гуна хобаш бурдааст. Овози Сафарбек Солиев, ки дар бинои ҳамсоя зиндагӣ мекард, ӯро бедор кард:

-Зуд хез, янгаат ошро ҳозир мекашад. Ман рафтам, аз пасам расида биё.

Ҳақиқатан янга дарав палавро кашида, болои дастурхон гузошт. Одатан меҳмонҳо барои хушии табъи соҳибхона хӯрокро таъриф мекунанд. Муҳтарам низ палавро таъриф мекард. Вақти хайрухуш ҳамсари Сафарбек - Сулҳия деги бухорро ба дасти Муҳтарам дода гуфт:

-Раҳмат, ака. Ана, дегро ҳам шуштам.

Сафарбек механдид, Муҳтарам чизеро намефаҳмид. Маълум шуд, Сафарбек ба хонаи Муҳтарам омада, ӯро дар хоб меёбад. Ба ошхона даромада, мебинад, ки оши палав дам партофтагӣ. Дегро ба беруни дар гузошта, ӯро бедор мекунаду худ дегро бардошта ба хонааш меояд.

**Хайру хайрият**

Муҳтарам дар Кобул ҳамроҳ бо мутахассисони афғон кор мекард. Ҳар саҳар баъди салому ҳолпурсӣ ба кор шуруъ мекарданд. Афғонҳо одатан ба пурсиши чӣ тур астӣ, хуб астӣ, ҷӯр астӣ, ҷавоби «Фазли Худо, хайру хайрият», яъне шукри Худо ҳама тинҷу оромӣ, мегӯянд.

Боре аз Матин ном ҳамкори афғонӣ, ки дар канори шаҳри Кобул, дар деҳа зиндагӣ мекард, ҳолу аҳволпурсӣ кард.

-Шаб тайёраҳои Шӯравӣ дар қаря (деҳа) бам (бомб) партофтанд. Кулли (ҳамаи) хонаҳо хароб (вайрон) шуд, чандин нафар куштаву захмӣ гардид, гову мол аз байн рафт. Дигар, фазли Худо, хайру хайрият аст, -гуфт Матин.

**Дар ҷойҳои мо**

Муҳтарам ҳамроҳи Баҳодур Неъмат, Исматуллоҳи Саидиён, Султони Ҳамад, Гулаёз ва набераaш Шаҳриёри Давлат ба тамошои дараи Вахё ва зиёрати мазори Бурхи Валӣ рафтанд. Дар бозгашт, дар деҳаи Лоҷур Султон Ҳамад барои коре ба кӯчое рафту онҳо дар миёни деҳа, болои хараки сари роҳ нишаста, ӯро мунтазир шуданд.

-Чӣ хел кунем, ки аз ягон хона як коса ҷурғот ё чакка пурсем, -гуфт Баҳодур Неъмат.

-Торро гирифта, як сурудро замзама кунед, баъд масъала худаш ҳал мешавад, -гуфт Муҳтарам.

Сурудхонии Баҳодурро шунида, марди миёнсоле аз хонааш баромаду ба наздашон омад.

Баҳодур сурудашро ба поён расонида, бо ӯ ҳамсуҳбат шуд.

-Бо ин алафзорҳову марғзорҳо, ба фикрам, гову мол ҳам доред-а? –пурсид Баҳодур.

-Албатта, дорем, -ҷавоб дод мард.

-Говҳотон шири нағз медодагистанд? –боз пурсид Баҳодур.

-Албатта, шири нағз медиҳанд, -гуфт он мард.

-Дар ҷойҳои мо аз шир ҷурғот мехобонанд. Шумо ҳам, ба фикрам, ҷурғот мехобонед-а? –бозпурсӣ мекард Баҳодур.

-Ҳо, албатта, -гуфт мард ва ҳамин вақт чизе ба хотираш расиду шитобон сӯи хонааш рафта, ду коса ҷурғот гирифта баргашт.

-Дар ҷойҳои мо аз ҷурғот дуғу маска мекашанд, -баъди хӯрдани ҷурғот гуфт Исматулло. -Дар ин ҷо ҳам ҳамин хел аст?

-Ҳо, албатта, -гӯён мард дубора сӯи хонааш раҳсипор гардид.

Муҳтарам ба мард гуфт:

-Ҳой бародар, каме сабр кунед, барои он ки бори дигар овора нашавед, дар ҷойҳои мо аз дуғ чакка ҳам тайёр мекунанд.

**Иштиҳо**

Муҳтарам дар рӯзҳои аввали аз Афғонистон баргаштан, ки дар он ҷо муддате ҳамчун тарҷумон кор мекард, боре чанд рафиқону ҳамкорон, аз ҷумла Мирзоҳаёт Давлатов ва Раҷаб Мардонро ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват кард. Раҷаб Мардон хӯроки худашро дар оне тамом карда, ба хӯрдани нони хушк даромад.

Муҳтарам як сих кабобро аз пеши худ гирифта, ба Раҷаб Мардон дароз карду гуфт:

-Ака, гиред, ош шавад, ман иштиҳо надорам.

Раҷаб Мардон кабобро хӯрда истода гуфт:

-Эй Худо, дар адолатат бимирам, пулро ба Муҳтарам медиҳию иштиҳоро ба ман.

**Аз ҳисоби худамон**

Сармуҳосибашон ҳар ҳафта як-ду бор Муҳтарам ва якчанд ҳамкори дигарашонро зиёфат медод. Ҳар дафъа ҳамкоронашон сармуҳосибро таъриф карда, ӯро сахӣ, дасткушод ва ғайраву ғайра гӯён таъриф кардаву изҳори миннатдорӣ мекарданд.

Муҳтарам гуфт:

-Сармуҳосиб бояд аз мо миннатдорӣ кунад. Ӯ аз ҳисоби маошаш ҳеҷ вақт зиёфат намедиҳад, зеро маошаш баробари маоши мост ва барои ин зиёфатҳо кифоят намекунад. Ин зиёфатҳо аз ҳисоби пулҳои идораамон аст, ки ӯ ба ҳар роҳ ба даст меораду як қисми ночизашро гашта ба худамон зиёфат медиҳад.

**Карам намову…**

Муҳтарам дар тайёраи Душанбе-Маскав бо Атахон Сайфуллоев паҳлуи ҳам менишастанд. Муҳтарам девони Ҳофизро бо худ гирифта, ҳангоми парвоз онро мутолиа мекард. Тайёра ба фурудгоҳи Маскав наздик меомад ва Сайфуллоев гуфт:

-Мулло Муҳтарам, ку аз девони Ҳазрати Ҳофиз як фол кушо, дар Маскав моро чӣ хел қабул мекунанд?

-Ҳозир, хуб шудааст, -гуфт Муҳтарам ва ҳангоми фол кушодан байти машҳури Ҳофиз баромад, ки ин аст:

*Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,*
*Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст.*

-Хайр, фуруд оем, ё наоем, -пурсид шӯхиомез Сайфуллоев аз Муҳтарам.

-Як карам кунем, -гуфт Муҳтарам.

**Марҳамат, аввал Шумо**

Солҳои ноором̣ӣ наклиёти шаҳрӣ камчин буд. Дар истгоҳҳо тӯдаи одамон соатҳо интизорӣ мекашиданд. Муҳтарам дар истгоҳи «Ватан» троллейбусро мунтазир буд. Дар ду троллейбус имкони саворшавӣ нашуд. Мардум якдигарро тела дода, қисман аз тирезахои троллейбус дохили он мешуданд. Троллейбуси навбатӣ наздик меомад. Мардум баробари троллейбус то истодани он якдигарро теле-тела дода ҳаракат мекарданд. Муҳтарам дар ҷояш истода буд. Троллейбус омаду дар пеши ӯ дарашро кушод. Он вақтҳо танҳо як қабати дари дуқабатаи троллейбус кушода мешуд ва танҳо якнафарӣ ба троллейбус ворид мегардид. Муҳтарам хост вориди он шавад, аммо дар пешаш чеҳраеро дид, ки ба назараш хеле шинос менамуд. Ҳарчанд ӯро ба хотир оварда натавонист, аммо аз ворид шудан ба троллейбус, худдорӣ карду ба он шахс муроҷиат карда, гуфт:

-Марҳамат, Шумо дароед.

Он мард низ дар ҷояш истода гуфт:

-Не, аввал Шумо.

Ин суханон мисли як сатил оби хунуке буданд, ки ба деги ҷӯшон рехта мешавад. Мардум дар як замон аз теладиҳиву занозанӣ бозмонда, ба якдигар бо илтифот мегуфтанд:

- Марҳамат, Шумо дароед.

**Гурез Сафар**

**Ман – Мухтарами Ҳотам**
*(Лутф ва ҳикояҳои минётурӣ)*

Муҳаррири ороиш Орзу Раҳмонӣ
Муҳаррири саҳифабанд Меҳрӣ Саидова

Ба матбаа 15.08.2015 супорида шуд
Чопаш 20.08.2015 ба имзо расид. Андоза ……
Ҷузъи чопӣ……………. Адади нашр………..

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 а

Дар чопхонаи ……………………. ба табъ расидааст.